# САНЪАТИ ТАСВИРӢ 5



*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон барои донишомӯзони синфи 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ ба сифати китоби дарсӣ ба нашр тавсия намудааст*

*Нашри дуюми такмилёфта ва пурра кардашуда*

Тошканд – «O'zbekiston» – 2020

УЎК 741(075)372.874
КБК 85.1уа72
С 29

**Муаллифон:**
Т. КУЗИЕВ, С.АБДИРАСИЛОВ, Ӯ. НУРТОЕВ, А.СУЛАЙМОНОВ

**Тақризчиён:**

**Р. Худойберганов** – *профессори Донишкадаи миллии рассомӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод;*

**Б. Юнусова** – *услубшиноси Маркази таълими республика;*

**А. Салиҳова** – *омӯзгори фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии мактаби 159-уми ноҳияи Олмазори шаҳри Тошканд;*

**Д. Шаякубова** – *омӯзгори фанни санъати тасвирӣ ва нақшакашии мактаби 280-уми ноҳияи Чилонзори шаҳри Тошканд.*

**Кузиев, Турсуналӣ ва дигарон.**
С 29 Санъати тасвирӣ. 5: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 5-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / Т. Кузиев, С. Абдирасилов, Ӯ. Нуртоев, А. Сулаймонов. – Тошканд, ХЭТН «Ozbekiston», 2020. –128 с.

ISBN 978-9943-28-356-5

УЎК 741(075)372.874
КБК 85.1уа72

**Аломатҳои шартии китоби дарсӣ:**

 – ***саволҳо барои мустаҳкамкунӣ***

 – ***супориши хонагӣ***

– ***аломатҳои ин QR-кодро, ки ба мавзӯъҳои китоби дарсӣ ҷойгир карда шудаанд, сканер карда, оид ба мавзӯъ аз маълумоти интернет истифода бурданатон мумкин***

**Аз ҳисоби Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-28-356-5

© Кузиев Т. ва диг., 2015, 2020
© «O‘zbekiston» NMIU, 2020

ЧОРЯКИ I

## *Дарси 1-ум.* ВОСИТАҲОИ ИФОДАНОКИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ
### (Дар асоси таҳлили репродуксияҳо)

Фаҳмидани воситаҳои ифоданок ва забони ифоданоки санъати тасвирӣ ва истифодаи онҳо дар фаъолияти ифоданоки тасвирӣ аҳамияти бузург дорад.

Мафҳумҳои композитсия, хат, доғ, ранг, шакл, фазо, фактура, таҳлили асарҳои мусаввирони бузургу машҳур ҳамчун забони ифоданоки санъати тасвирӣ мавриди истифода шуда, онҳо ба воситаҳои шӯъбаҳои асосҳои рангтасвир, графика, ҳайкалтарошӣ, санъатшиносӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Дар рангтасвир ҳамчун воситаҳои ифоданоки санъати тасвирӣ ранг, молидан, хат, доғҳои ранг, рангдор ва контрастҳои рӯшноӣ, дар графика бошад, аз хат, штрих, контур, тобиш, доғҳои сафеду сиёҳ истифода мешаванд. Дар табиат ҳар як чиз ва мавод (предмет) ранги худро дорад. Дар ин рангҳо рӯшноӣ-сояҳо нақши калон доранд.



Ван Гог. «Дашти кипарис ва ғалла»

### Воситаҳои ифодаи рангтасвир

Ранг зери таъсири ҳолати ҳаво, ҷойгиршавӣ дар фазо,



Раҳим Аҳмедов.
«Неъматҳои тобистон»

зери таъсири тобишҳои дигар рангҳо тағйир ёфтанаш мумкин. Бойигарии зебоии ҳақиқии ҳастӣ (мавҷудот) ранг ба ҳисоб меравад.

Рассом ҳиссиёту кайфияти гуногунашро ба воситаи ҷамъи рангҳо, монандии рангҳои гарму хунук ифода мекунад. Ба онҳо эҳсоси хушӣ, орзуву умедҳо, хавотирӣ, андӯҳ мансуб аст.

Дар аснои офаридани асари рангтасвир молидани ранг чун воситаи ифода истифода мегардад. Рассомон дар рангтасвир шаклҳои гуногуни рангмолиро кор мефармоянд. Ин тарзи молидан услуби кори рассомро муайян мекунад. Дар асари рассоми машҳур Ван Гог «Дашти кипарис ва ғалла» аз рангмолӣ бамаврид истифода бурдаашро мебинем. Рассомони ӯзбекистонӣ аз рангмолӣ ҳамчун воситаи ифоданоки санъати тасвирӣ дар жанрҳои манзара, натюрморт моҳирона истифода кардаанд. Н. Набиев ҳангоми кашидани «Портрети Амир Темур», Р. Аҳмедов зимни офаридани натюрморт дар мавзӯи «Неъматҳои тобистон» аз рангмолиҳо бамаврид истифода бурдаанд.



Рафаэл Санти. Автопортрет



Неъмат Қӯзибоев. «Тирамоҳ»



Рӯзӣ Чориев. «Пирамард»

Рассомон аз ранг ҳамчун воситаи асосии намуди рангтасвири санъати тасвирӣ истифода намудаанд. Бо мақсади пурзӯр намудани таъсири эмотсионалии (эҳсосотии) асари рангтасвир бо назардошти мазмуну моҳияти он аз намудҳои ширгарм ва хунуки рангҳо кор фармуда мешаванд.

Рангҳои гаммаҳои ширгарм (илиқ) ва хунук бештар дар жанри манзара истифода мешавад. Агар мавзӯъҳои ғуруби Офтоб, рӯзи гарм, тобистон, тирамоҳ дар рангҳои гарм тасвир шаванд, манзараҳои зимистон, барф, рӯзҳои сард дар рангҳои хунук тасвир мегарданд.

Ба жанри манзара асари Неъмат Қӯзибоевро бо номи «Тобистон» ҳамчун мисол тавсия кардан мумкин. Дар жанри портрет асари рассом Р. Чориев «Пирамард» бо бартарияти рангҳои хунук кашида шудааст.

Аз намояндагони машҳури санъати рангтасвир Леонардо да Винчи, Рафаэл Санти, Рембрандт, Карл Брюллов, Анри Матисс, Албрехт Дюрер; аз устодони рангтасвири ӯзбекистонӣ Ӯрол Тансиқбоев, Абдулҳақ Абдуллаев,



Шуҳрат Абдурашидов. «Гулчаҳон»



Иван Шишкин. Порча аз асари «Ҷавдор»

Раҳим Аҳмедов, Малик Набиев, Рӯзӣ Чориев, Ҷавлон Умарбеков, Баҳодур Ҷалолов, Алишер Мирзоев, Акмал Икромҷонов, Акмал Нур ва чандин дигар рассомонро гуфтан мумкин.

Ҳангоми кашидани асарҳои рангтасвир аз хат ва доғҳои ранг низ ҳамчун воситаи ифода истифода бурда мешавад. Барои аён намудан ин мафҳумҳоро эзоҳ мекунем.



Архип Куинҷӣ. «Тӯсзор».



Николай Карахан. «Наъматаки кӯҳ»



Александр Перов. «Натюрморт»

Хат агар контури бо рангҳо кашидашудаи намуди берунаи ягон чиз дар картина бошад, доғ силуэти рангини ягон чиз (предмет), тасвири тобишӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчун мисол асари «Ҷавдор»-и И. Шишкин, «Гулчаҳон»-и Ш. Абдурашидовро қайд кардан мумкин.

Дар рангтасвир аз рангдор ва контрастҳои рӯшноӣ низ ҳамчун воситаи ифоданок истифода бурдан мумкин. Ин гуна ҷараёнро дар ифода шудани муносибатҳои кушод ва ғафси баръалои доғ дар асари «Тӯсзор»-и А. Куинҷӣ дидан мумкин. Дар асарҳои рассомони Ӯзбекистон низ ин гуна корҳои бо воситаҳои ифоданок анҷомёфтаро дидан мумкин: «Наъматаки кӯҳ»-и Н. Карахан, «Натюрморт»-и А. Перов ва дигарон.

## Воситаҳои ифода дар графика

Намуди графикаи санъати тасвирӣ ҳам воситаҳои ба худ хоси тасвирию ифоданок дорад. Аз ҷумла, дар он дуруст ва бамаврид истифода шудани хатҳои (штрихҳои) тасвирнамоӣ талаб карда мешавад. Онҳо вобаста ба шаклҳояшон рост, каҷ, камонмонанд, мавҷмонанд, омехта мешаванд.

Онҳо бо назардошти шакл, сохти конструктивии чизҳои (предметҳои) тасвирёбанда истифода мешаванд. Масалан, барои тасвир намудани ҳаҷми кура қисми рӯшноӣ-сояи он ба воситаи штрихкунӣ истифода бурдани хатҳои (штрихҳои) камонмонанд тавсия мешавад, барои ба таври аёнӣ нишон додани шакл, ҳаҷм ва хусусиятҳои образ намудҳои штрих дар ҷойҳои гуногун ҳар хел истифода мешавад.

Бо мақсади баланд намудани имкониятҳои ифодавии таъсирнокии асарҳои графикӣ техникаи (усули) кор кардан бо туш дар коғаз низ истифода мешавад. Дар корҳои дар расм тасвиршуда ин усул истифода шудааст. Ин усул аз тарафи рассомони Хитоӣ бештар татбиқ мешавад.



Намунаҳои штрихкунӣ



Истифода аз штрихи камонмонанд дар штрихкунии кура



Усули штрихкунии чизҳои курашакл

Ҳангоми офаридани асари графика аз штрихҳо ҳамчун воситаи ифоданок истифода мешавад. Рассомон дар графика аз шаклҳои гуногуни штрихкунӣ истифода мебаранд. Ин штрихҳо услуби кори рассомро муайян карда



Композитсияи «Гурба ҳангоми шикор»



Анвар Мамаҷонов. Силсилаи шаҳри кӯҳна.



Собир Раҳметов. «Портрети чӯпон»

медиҳанд. Масалан, дар кашидани композитсияи «Гурба ҳангоми шикор» рассомро штрихҳоро хеле бамаврид кор фармудаашро дидан мумкин.

Ҳангоми кашидани асари графика аз штрихҳои каҷ ҳамчун воситаи ифода истифода мешавад. Ин штрихҳои каҷ фактураи ҷисм, аз кадом материал будани онро муайян мекунанд. Масалан, дар тасвир намудани танаи да-



Намудҳои штрихҳои каҷмонанд



Ифода кардани сӯзанак бо штрихҳои нуқтадор



Ван Гог. «Қаиқҳои моҳидорон дар Сент-Мари де-ла-Мер»

рахти буридашуда аз штрихҳо самаранок истифода шудааст.

Дар асарҳои графика ҳам нуқтаҳо ҳамчун воситаи тасвирию ифодавӣ истифода шудааст.

Бо мақсади зиёд намудани таъсири ифодавии асарҳои санъати тасвирӣ материалҳои (масолеҳи) гуногунро кор фармудан мумкин. Масалан, тасвирҳо бо туш, қалам, фломастер бо маҳорат инъикос ёфтаанд.

Графика аз ҷиҳати мазмун ва сохт ба рангтасвир наздик аст, аммо он вазифа ва имкониятҳои худро дорад. Фарқи графика аз рангтасвир дар он аст, ки усули тасвиркунии асосӣ фақат бо расмҳои тобишашон якхела (яъне хат, рӯшноӣ-соя), ҷойи ранг дар онҳо маҳдуд карда шудааст.



Дарахт. Туш



Натюрморт. Қалам



Манзара. Фломастер



Марат Содиқов. «Овул»



Мадина Арипова. «Чӯллӣ бобо»

Аз рассомони графика (сиёҳқаламӣ) асарҳои М. Кадаров, Қ. Башаров, М. Содиқов, А. Бобров, Ф. Қамбарова, Ғ. Бойматов, Г. Султонова, М. Ариповаро номбар кардан мумкин.

Воситаҳои ифодавии санъати тасвирӣ вобаста ба намудҳо он гуногун аст. Масалан, агар дар рангтасвир воситаи асосӣ ранг муҳим бошад, дар графика хат, контрасти рангҳои сиёҳу сафед, дар ҳайкалтарошӣ ҳаҷм, дар санъати амалӣ ритм, симметрия, шакл ва аз ранг ҳамчун воситаи тасвирӣ истифода мешавад. Барои ҳамаи онҳо воситаи асосии хос мавҷуд аст, ки онро композитсия меноманд.

Дар композитсия муҳимтар аз ҳама ҳалли композитсионии асар, мазмун доштан, аз воситаҳои тасвирӣ дуруст истифода бурдан аст.

## Воситаҳои ифодаи ҳайкалтарошӣ

Барои офаридани асари ҳайкалтарошӣ ба сифати воситаи асосии ифода аз ҳаҷм, пластика, масолеҳ, фактура истифода мебаранд. Ҳаҷм асоси ҳайкалтарошӣ ба ҳисоб

меравад. Он аз ҳар тараф намоён мешавад. Объекти асосии ифодашаванда дар ҳайкалтарошӣ инсон аст. Вай қаҳрамонӣ, зебоӣ, бузургии инсонро муҷассам ва абадӣ менамояд. Ҳайкалтарош ба ғоя ва образи тафаккуршуда чӣ гуна масолеҳ кор фармуданашро ба таври муносиб интихоб мекунад. Дар ин кор ҳолати тасодуфӣ нест. Чунки як кор аз чӯб, дигараш аз санги мармар, сеюмаш аз биринҷӣ иҷро мешавад. Масалан, биринҷӣ бештар ба қисмҳои майда; чӯб хусусияти маҳинӣ дорад, мармар самимиятро, санг имконияти образи умумиро ифода карданро медиҳад. Албатта асар яку якбора аз материал сохта намешавад. Ҳайкалтарош аввал фикрашро рӯи коғаз аниқ менамояд. Баъд онро аз лой, пластилин ё



Илҳом Ҷабборов. Ҳайкали Амир Темур. Самарқанд



Яков Шапиро. Портрет



Янис Кучис. «Тансиқбоев»

гипс месозад. Пас аз он дар асоси ғоя бо кор фармудани материали сахти интихобшуда эскизи (тарҳи) тайёрро амалӣ менамояд.

Ҳайкалҳои монументалӣ барои аз дур дидан офарида мешаванд. Масалан, дар ҳамаи шаҳрҳои республикаамон ба аҷдодони бузургамон ҳайкалҳо гузошта шудаанд.

Асарҳои устодони бомаҳорат ва машҳури санъати ҳайкалтарошии Ӯзбекистон, аз қабили хусусан Абдумӯъмин Бойматов, Илҳом Ҷабборов, Ҷалолиддин Мирточиев, Анвар Раҳматуллоев, Я. Шапиро, Я. Кучис ва дигарон таваҷҷӯҳи аксариятро ба худ ҷалб менамоянд.

Ҳайкалтарошӣ ба воситаи усулҳои коркард ва деталҳо, шаклҳои дорои ҳаҷми муайян дар табиат тасвир карда мешавад. Намуди «Ҳайкалтарошии нафис»-и он ҳам мавҷуд аст. Ин усул дар ҳайкалтарошӣ «Пластикаи маишӣ» ном дорад. Ҳайкалтарошии нафис ба нафисии чизҳо (предметҳо), бо андозаи хурдаш



Анвар Раҳматуллоев, Леонид Рябсев. Ҳайкали Улуғбек. Тошканд



Ҷалолиддин Мирточиев. Ҳайкали нависанда Саид Аҳмад ва Саида Зуннунова

фарқ менамояд. Маҳсули онро ба даст гирифта, дидан мумкин. Дар ҳайкалтарошии нафис чиннӣ, сафол, чӯб, металл ва намудҳои қимматбаҳои сангҳо, устухони фил ва монанди инҳо истифода мешаванд.

Яке аз намудҳои паҳншудатарини ҳайкалтарошӣ кор бо лой ё пластилин аст. Устоёни санъати амалии халқ дар сохтани бозичаҳо ва пластикаи хурд аз он ашёҳои хом истифода мебаранд. Асарҳои офаридаи устоён ва кулолҳои халқӣ, ки бо тайёркунии бозичаҳои гуногун дар Ӯзбекистон машғуланд, аз қабили У. Ҷӯрақулов, А. Мухторов (Самарқанд), У. Умаров, А. Ҳазратқулов, М. Назруллаев (Ғиҷдувон), Б. Боисов, Р. Матчонов (Хоразм), К. Туробов, Э. Зиёмуҳаммедов, А. Раҳматов, М. Раҳимов, Р. Орифҷонов, А. Нӯъмонов, Т. Миралиев, А. Аминов (Тошканд), Т. Тиллохӯҷаев (Намангон), А. Худойназаров (Каттақӯрғон), Б. Халилов (Деҳнав), М. Облоқулов (Ургут), бародарон Ҳоҷимировҳо (Андиҷон), Х. Раҳимова (Бухоро), Ш. Қаландаров (Хӯҷайлӣ) ба таҳсин сазоворанд.



Абдураҳим Мухторов.
«Аждаҳои афсонавӣ»



Лайло Салимҷонова.
«Портрети Ҳамро Раҳимова»

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Кадом воситаҳои ифодавии санъати тасвириро медонед?
2. Оид ба забони ифодавии санъати тасвирӣ нақл кунед.
3. Ба воситаҳои асосии тасвирии намуди рангтасвир чиҳо медароянд?
4. Воситаҳои ба худ хоси тасвирию ифодавии графикаро бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
5. Дар ҳайкалтарошӣ ҳаҷм ҳамчун восита чӣ гуна аҳамият дорад?

**Супориши хонагӣ.** Давом додани ҷамъ овардани материалҳо оид ба санъати тасвирӣ. Мушоҳидаи асарҳои санъати ҷои зистатон (асарҳои графика, рангтасвир, ҳайкал) ва таҳлили образи бадеии онҳо.

## *Дарси 2-юм.* КАШИДАНИ ҶИСМҲОИ ГЕОМЕТРӢ ДАР ҚАЛАМТАСВИР

Асоси намудҳои санъати тасвирӣ қаламтасвир ба ҳисоб меравад. Мафҳуми «қаламтасвир» аз офаридани образҳои бадеӣ, ки бо ёрии хатҳо амалӣ мешавад, бармеояд. Шакл, андоза, сохт ва характери предмети (чизи) кашидашаванда ба воситаи тасвири хаттӣ намоён мешавад. Дар қаламтасвир нуқтаҳое, ки сохти конструктиви шакли предметро муайян мекунад, нуқтаи такягоҳӣ номида мешавад.

Нуқтаҳои такягоҳӣ, хатҳои сиёҳнавис асоси ибтидоии тасвири хаттӣ мебошанд.

Дар ҳама замонҳо устоёни моҳири тасвиркунии хаттӣ будаанд. Масалан, Леонардо да Винчи, Рафаэл Санти, Ренато Гуттузо, Пабло Пикассо ва дигарон аз ҷумлаи онҳо буданд.

Шумо имрӯз дар қаламтасвир бо ёрии штрихҳои (хат) гуногун бар натюрмортҳои аз ҷисмҳои геометрии куб, силиндр ва конус сохташуда кор мекунед. Ҳангоми тасвирку-

нии қаламтасвири марҳиланоки натюрмортҳои аз ҷисмҳои геометрӣ сохташуда мушоҳида, омӯхтани ҳастӣ, дар аснои тасвиркунии чизҳои ҳаҷмнок дар рӯи коғаз мафҳумҳо ва тасаввуроти оиди ҳолати фазовӣ ташаккул меёбад. Ҷараёни тасвиркунӣ дар 4 марҳила татбиқ мешавад. Дар дарси якум аз мушоҳидаи бодиққати натюрморти оид ба мавзӯи «Кашидани ҷисмҳои геометрӣ» оғоз ва таҳлил карда мешавад. Вобаста бо сохти натура вараќи коғаз ё рост, ё дар ҳолати хобида буданаш аниқ мешавад. Баландӣ ва бари умумии ҷисмҳои геометрии дар натура буда дар коғаз бо ёрии хатҳои ёрирасон ҷойгиршавиашон муқаррар мешавад. Шакли умумӣ ва нисбат, андозаи ҷисми геометрии натюрморт ба инобат гирифта, дар ҳолати риояи қоидаҳои сохтани конструктивӣ ва перспективии он дар коғаз тасвир карда мешавад.





Марҳилаҳои кашидани расмро дар мисоли намунаи овардашуда дидан мумкин.

Дар дарси дуюм ҳангоми тобишнок (тусли) тасвир карданни ҷисмҳои геометрӣ, пеш аз ҳама, ба дараҷаи рӯшноии он эътибор дода мешавад. Ҷои аз ҳама равшани куб, силиндр ва конус, нимсояаш, сояи худиаш, рефлексаш ва сояи афтонаш ҷудо карда қайд мешавад. Ҷойгиркунии қисми асосии натура ва порчаҳои хурди он аниқ карда, натура ва

расми кашидашуда муқоиса мегардад. Қисмҳои калони равшанӣ-сояи предметҳо бо штрихҳои кушоду ғафс дода мешавад, баъд ба порчаҳои хурдаш сайқал медиҳанд. Чизҳои доимо тасвиршаванда ва тасвири дар дафтари расмбударо қиёс карда рафтан лозим. Монандии характер ва хусусияти (фактураи) ҷисмҳои геометриро санҷида, кор ба як кори том (яклухт) оварда, анҷом дода мешавад.





**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Кадом намудҳои хатҳо мавҷуданд?
2.Вақте тасвиркунии хаттӣ ва тобишнок (тусли) мегӯем, чиро мефаҳмем?
3. Хат чист?

**Супориши хонагӣ.** Бо қалам иҷро кардани намудҳои тавсирнок бо ёрии хатҳои гуногун.

## *Дарси 3-юм.* ХУСУСИЯТҲОИ РАНГТАСВИР (Дар асоси дарки бадеии асар)

Дар давоми чандин аср олимон оиди рангҳо тадқиқотҳои зиёди илмӣ мебаранд. Алломаҳои машҳури ҷаҳон аз ҷумлаи Алишери Навоӣ, Абурайҳон Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Камолиддин Беҳзод, Фирдавсӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур оид ба намудҳои ранг, маънояшон, таъсири онҳо ба саломатии инсон ва монанди инҳо асарҳо навиштаанд.

Масалан, Абурайҳон Берунӣ дар асараш «Китоб-ал-Ҷавоҳир-маърифат ал-Ҷавоҳир» («Минералогия») номи беш аз 200 ранг оварда, оид ба пайдоиши онҳо маълумот додааст. Дар Шарқ олимон, шоирон, мусаввирон, наққошҳо, хаттотон беш аз сад намуди рангҳоро фарқ намуда, номи онҳо, ҳатто, маънои рамзии онҳоро медонистанд. Бо баъзе аз намунаҳои онҳо, ки то замони мо расидаанд, шинос мешавем: зангор, заъфарон, зумрад, каҳрабо, хокистарранг, кабуд, лоҷуворд, лоларанг, малларанги осмонӣ, мошранг, нафармон, сафед, пистамағз, пештоқӣ, пуштӣ, зард, сафсар, саморанг, сур, ферӯза, хокистарранг, сурх, қирмизӣ, сиёҳ, сиёҳмағз, сиёҳча, қӯнғир, ҳаворанг, анордона, ақиқ, байзогул, барграанг,бақатӯн, гулнор, гулобӣ, даҳани фаранг, ҷигарӣ, ҷайрон, ҷӯҷа, зийнови, зар, зарчӯба, зарғалдоқ, гардани кафтар, кабуди тира, навотранг, нилобӣ, нимсафед, нимпуштӣ, норгул, оташранг, себранг, оби упои сафед, сабзранг, самак, кулӯхранг, сиёҳӣ, сир, сурмаранг, тиллоранг ва монанди инҳо.



Исаак Нютон.
Рангҳои спектр




Исаак Нютон. Доираи рангҳо

Таъсири рангҳо, мушоҳида кардани шишаҳои сабз, зард, сурх ва дигар рангҳо, ҳолати ҳис кардани он рангҳо аз тарафи инсонро аввалин шуда И. Гёте омӯхтааст.

Нютон аввалин шуда ба нурҳои рангин тадбилёбии рӯшноии ба воситаи призмаи оптикӣ фиристодашударо исбот кард ва онро ба таври илмӣ фаҳмонда, рангҳои спектрро ба ҳафт қисм ҷудо намуда, онро дар шакли доира ҷойгир кард. Терминологияи истифодаи ӯ барои муайянкунии рангҳо хеле аниқ аст. Ҳамин тариқ, ихтирои Нютон моро бо табиати физикии рангҳо ошно мекунад. И. Нютон паҳн шудани рангҳои спектр аз нури сафед кашф кард, ҳафт ранги спектрро аниқ намуд.



**Рангҳои спектр.** Рангҳои сурх, зарғалдоқ, зард, сабз, ҳаворанг, кабуд ва бунафша спектрро ҳосил мекунанд. Рангҳои спектр ҳамеша дар тартиби пайдарҳами болоӣ ҷой мегиранд.

Доираи рангҳо, одатан, ба ду қисм ҷудо мешаванд– рангҳои гарм ва хунук.

**Ба рангҳои гарм** рангҳои сурх, зард, заргул дохил мешаванд. Онҳо ба офтоб, оташ монанд буда, дар табиат будани гармиро нишон медиҳанд.

**Ба рангҳои хунук** кабуд, ҳаворанг, сабз, кабуду бунафша, кабуду сабз ва рангҳои аз омехтаи инҳо ҳосилшуда мансубанд. Дар тасаввури мо рангҳои хунук чизҳои хунук–ях, барф, нури моҳ ва монанди инҳо мебошанд.



Натюрморт дар гаммаи гарм.
Гуаш



Натюрморт дар гаммаи омехта.
Гуаш

**Ҳангоме, ки ранги локалии чизҳо мегӯем, ранги аслии онҳо фаҳмида мешавад.**

**Тобиши намои ранг.** Дар шуури мо тобиши ранг ба ранги чизҳои ба мо шинос мутобиқ (мос) менамояд. Номи аксари рангҳо бевосита аз номи ранги чизҳои дар табиат мавҷудбуда гирифта шудаанд: регранг, ранги мавҷи баҳр, зумрадранг, шоколадранг, марҷонранг, малинаранг, олучаранг, қаймоқранг ва ҳоказо.

Нишонае, ки номи рангҳоро ифода мекунад, барои якеашро сурх, дуюмашро кабуд, сеюмашро зард гуфтан асос мешавад, **тобиши ранг** ном дорад. Аҷибаш ин, ки дар рӯшноии табиии рӯзона чашми инсон қодир аст тобиши қариб 180 рангро ва қарибі 10 дараҷаи сериро фарқ намояд. Умуман, чашми инсони ривоҷёфта қобилияти фарқкунии қариб 360 хел тобиши рангро дорад.

**Ранги «сер».** Вақте «ранги бой», ё «сер» мегӯем, дараҷаи кушоду ғафсии хокистарранг, фарқи ба ранг ба-



Надежда Кашина. «Тобистон»

робарро бояд тасаввур намуд. Нисбат ба хокистарранг тозагии дараҷаи рангдориро фаҳмидан лозим.

Агар ба ягон ранг хокистаррангро омехта кунем, ранги он хира мешавад, яъне «сер» шуда тағйир меёбад.

Дар бобати ташаккул додани дарки бадеии сурат ба воситаи асарҳои санъати тасвирӣ аз рассомон эҷоди Ӯ.Тансиқбоев, Р.Аҳмедов, З. Иноғомов, Р.Худойберганов, Б. Бобоев аҳамияти калон касб мекунанд. Масалан, таҳлили сурати Ӯктам Саидов «Оқтош» ба воситаи саволҳои зерин бурда мешавад.

1. Дар асар намои ба кадом фасл хос тасвир шудааст?

2. Рассом ба воситаи асар эътибори моро ба чиҳо ҷалб карданист?

3. Дар асар кадом чизҳо дар мадди аввал гузошта шудаанд?

4. Сохти композитсияи асар, нисбатҳои чизҳо дар он чӣ гуна аст?

5. Ашёҳои асар чӣ гуна тасвир шудаанд?

6. Рассом ба воситаи тасвир намои сангҳои Оқтошро то чӣ андоза нишон дода тавонистааст?

7. Манзара оё  реал (ҳаётӣ) тасвир шудааст?

8. Перспективаи (тарзи расмкашии) ҳаво дар асар ба воситаи рангҳо чӣ гуна ифода ёфтааст?

9. Дар асар хатти уфқ аз куҷо гузаштааст?

10. Асар дар шумо чӣ гуна эҳсосот ва фикр бедор намуд?

Дарки бадеии асарҳои санъати тасвирии эъодии Р. Аҳмедов, Р. Худойберганов, Б. Бобоев ба воситаи саволҳои болоӣ бурда мешавад.



Ӯктам Саидов. «Оқтош»



Шоира Қозиева. «Гулҳо»



Евгений Мелников. «Рафаэл Такташ»



Павел Бенков. «Дугонаҳо»

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Хусусиятҳои асосии ранг чиҳо аст?
2. Оид ба тобиш, кушоду ғафсӣ ва «сери»-и ранг нақл кунед.
3. Намоии (туси) ранг чист?
4. Зери мафҳуми «серии ранг» чиро мефаҳмед?

**Супориши хонагӣ.** Нусха гирифтан аз асарҳои рассомон ва ҷамъоварии маълумот дар бораи онҳо.

## *Дарси 4-юм.* МАРҲИЛАҲОИ КАШИДАНИ НАТЮРМОРТ ДАР РАНГТАСВИР. КОР БОЛОИ НАТЮРМОРТ

Натюрморт жанри ба худ хоси санъати тасвирӣ аст. Натюрморт (*nature morte*) калимаи франсузӣ буда, маънояш «табиати беҷон» аст ва дар он аксаран олоти меҳнат, сабзавот ва меваҳо, гулҳо, парранда ва ҳайвонҳои хурд тасвир мешаванд, яъне дар санъати натюрморт ҳаёти маишии инсон инъикос меёбад.

Натюрморт дар ибтидои асри XVII дар Голландия пайдо шуда, ба бисёр кишварҳо паҳн шуд, хусусан дар миёнаҳои асри XVIII ҳамчун жанри мустақили санъати тасвирӣ хеле паҳн шуда рафт.

Агар ба асари устои номии санъати рангтасвир, рассоми франсуз Жан-Батист Симеон Шарден дар мавзуи натюрморт бо номи «Атрибутҳои санъат» назар андозем, ба дараҷаи баланди бадеӣ тасвир шудани чизҳои оддиро мебинем.

Дар санъати тасвирии Ӯзбекистон аз рассомон Н. Кашина, З. Ковалевская, Е. Елизаров, Р. Аҳмедов, Ғ. Абдураҳмонов ва дигарон дар жанри натюрморт моҳирона эҷод карда, нозу неъматҳои диёрамонро дар асарҳояшон инъикос намудаанд.

Натюрморт дар баробари он, ки жанри мустақил аст, дар талқини мазмуни асарҳои мавзӯъӣ воситаи



Шоира Қӯзиева. «Натюрморт бо зарфҳои сафоли зангорӣ»

кӯмакрасон ва пуркунанда ба ҳисоб меравад. Дар асарҳои яке аз  рассомҳои машҳур Ғ. Абдураҳмонов «Натюрморти тарбуз», Е. Елизаров «Натюрморт» меваҳо, маҳсулоти полиз, харбуза ва тарбуз, матоъҳои миллӣ хеле ҷозибанок тасвир шудаанд. Соҳибони мӯйқалам барои талқини мазмуни асар рангҳои заъфарони гарм, ғафси сурхро мисли ранги сабзгуни атроф бо рангҳои дигар ҳамоҳанг истифода бурда, ба таъсирбахшии сурат ноил шудаанд.

Вале дар пеши назари эҷодкор ҳангоми офаридани асар аввал натюрморти оянда яклухт падидор мешавад ва барои он чизҳои зарурӣ интихоб карда, оиди бодиққат ҷойгир намудани онҳо фикр ронда, эскизи хом (тарҳ) мекашад. Дар асоси эскизҳо композитсия ҳосил мегардад.

Барои пурмазмун шудани натюрморт чизҳои хурд ба пеш, калонтараш аз ақиб ҷойгир карда мешавад. Натюрморт аз хатти уфуқ пасттар ҷойгир мешавад. Дар он



Шоира Қӯзиева. «Натюрморти шарқӣ»

сурат ҳолати фазовӣ ва ҳамкорӣ нағз намоён мешавад. Натюрморт бо хушзеҳнӣ мушоҳида мешавад. Бо мақсади дуруст ҷойгир кардани композитсияи натюрморт истифода аз асбоби махсуси коғазини видеоёбанда (видеоискател) натиҷаи хуб медиҳад. Композитсияи бо ёрии ин асбоб аниқшуда дар коғази хурди алоҳида сиёҳнавис кашида мешавад. Баъди аниққунии композитсияи рехта кори асосӣ дар коғази калон иҷро мегардад.



Этюди натюрморт



Зинаи 1



Зинаи 2



Зинаи 3

Баъди муайянкунии композитсияи натюрморт андоза, шакли (сохт, ранг, равшанию сояи он) ҳар як чизи кашидашаванда аниқ кардан зарур, ҳангоми кашидани натюрморт зина ба зина аз ҷузъ ба умум (кулл), аз умум ба ҷузъ амал кардан лозим аст. Ҳангоми тасвири дусе чиз бо назардошти андозаи чизҳо аз нигоҳи андоза фарқи онҳо, масофаи байнашон, фарқи равшанӣ ва соя бо чашм тахминан ёфта мешавад. Қаламро зер накарда, ҷои тасвиркунии онҳо муайян кардан зарур. Баъди ёфтани шакли тасвир манбаи равшанӣ аниқ карда мешавад. Чунки барои дар ҳолати мувозанат истодани тасвир сояи аз он афтода низ нақши муҳим дорад.

Сояи афтанда барои аниққунии фазовият ва аз кадом маснуот сохта шудани чизҳо ёрӣ мерасонад. Сояи чизҳо, қисми (тарафи) равшани онҳо, сояи афтанда ба воситаи қалам дар штрихҳо кашида мешавад. Мухтасар намудани перспективии чизҳоро ба назар гирифта, равшанӣ ва сояи ҳар як чиз дар ҳолати риоя кардани қоидаҳо тасвир мегарданд. Баъд  фарқи кушоду ғафсии байни натура ва фон  муқаррар мешавад.

Ғояи асосии натюрморти кашидашаванда дар коғаз тасвир карда мешавад. Яъне рассом ба пурра монандии натура ва тасвир ноил мегардад.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Натюрморт чист?
2. Жанри натюрморт чиро инъикос менамояд?
3. Аз рассомони натюрмортчӣ киҳоро медонед?
4. Композитсияи натюрморт чист?

**Супориши хонагӣ.** Оид ба тасвир шудани композитсияи натюрморт дар расм маълумот диҳед.









## *Дарси 5-ум.* КОРИ РӮЙИ НАТЮРМОРТИ АЗ ЧИЗҲОИ МУҚОБИЛИ ЯКДИГАР (КОНТРАСТ) АЗ НИГОҲИ РАНГУ ТОБИШ

Пеш аз ҳама барои натюрморт чизҳои зарурӣ интихоб мешавад. Онҳо аз зарфи сирноки (эмалии) ҳаворанг ё сабз, ду-се дона сабзӣ, пиёлаи сафолии зард ё ҷигарранг, дуто шалғам, якчандто картошка ва ду-се дона матои сурхи кушод, зарғалдоқ ва пуштии кушод бояд иборат бошанд.

Шумораи ашёҳои натюрморт аз 2 ё 3 дона иборат аст. Аз нигоҳи композитсия хушрӯй, ҷолиб ва яклухт бояд бошад.



Марҳилаҳои (зинаҳои) кори рӯйи натюрморт







Кори марҳиланоки тасвири натюрморт

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини натюрморти кӯзаи сафолин ва сабзавотҳо ҷойгиршавии фазогии чизҳо аст.Чизҳои калонтарро дар ақиб, хурдтарашро дар пеш ҷойгир карда, онҳо дар ҳолати яке дигарашро каме нонамоён карда гузошта мешаванд.

Дар натюрморт аз нигоҳи рангу тобиш (тус) муҳимтарин чизҳои ба ҳам муқобил дар қатори дуюм гузошта мешаванд. Онҳо бояд бо рангу тобиш ва шакл фарқ кунанд, маркази (асоси) композитсияро ташкил диҳанд.

Барои бараъло тасвир кардани ҳолати фазовии натюрморт дар қатори аввал чизи начандон калон, вале дурахшон гузошта мешавад. Барои он, ки нурҳои равшанӣ ба чизҳо аз пеш ва аз паҳлӯ равона шудааст, ҳаҷми ҳар як ашё аниқ намоён мешавад.

Пеш аз тасвиркунии натюрморт онро мушоҳида карда, нуқтаи беҳтарини онро ёфта, хатти уфуқ ишора мешавад. Композитсияи умумии тасвир ёфта мешавад. Тасвири натюрморт дар якчанд андозаи хурд хом ба воситаи лавҳаҳои нақшаи расм иҷро мешавад. Беҳтарине аз онҳо интихоб мешавад.

Сатҳ (васеъгӣ) ва баландии умумии мутаносибии андозаи натюрморт дар рӯйи коғаз бо хатҳои сабук ифода меёбад. Шакли умумӣ, андозаҳои нисбии қисмҳои алоҳидаи ҳар як чиз ёфта мешавад. Пас аз аниқ ёфтани шакли ба худ хоси ҳар як чиз, бузуругию хурдӣ ва ҷояш сохти онҳо таҳлил мешаванд, бодиққат мушоҳида мегарданд. Мухтасаркуниҳои перспективӣ дар шаклҳо мавҷудбуда низ инъикос меёбанд.

Ҳангоми дар ҳамвории сурат ҷойгиркунии тасвирҳои чизҳо асосҳои онҳо, яъне қисмҳои ноаёни онҳоро низ пурра кашидан зарур аст. Дар он сурат ба ҳолати «муаллақ» мондани баъзе чизҳо ё ин ки як чиз ба чизи дигар дохил

шуда монданаш рӯй намедиҳад. Пас аз кор бо қалам дар рӯйи натюрморт навбат ба рангкорӣ мегузарад.

Ҳангоми иҷрои кор болои рангтасвири натюрморт аз услуби паҳншудаи кор истифода мебарем. Болои ҳам гузоштани қабатҳои ранг **лессировка** номида мешавад. Моеъи омехтаи ранг тайёр карда, болои коғаз як қабат молида мешавад, зимнан коғази дар тагбуда тобида меистад. Баъди хушкшавии қабати ранги молида аз болояш қабати дигар молида мешавад, бинобар намудани қабати аввала ранги нав тобиши дигар ҳосил мекунад. Баробари зиёдшавии қабати ранг он бештар бой ва пуртаъсир мешавад.

Кор бо ранги акварел аз аниқ кардани ҷойи сафеди тасвир қисми боқимонда бо ранги ранги моеъ молида мешавад. Сояҳоро якбора сиёҳ накарда, оҳиста-оҳиста як қабат хушк шуда, ба дуюмаш молидан лозим.

Дар марҳилаи охир бо мӯйқаламӣ борик қисмҳоро кор карда, сояҳои паҳлӯи асосҳои ашёҳо каме ғафс карда



Натюрморт

шаванд, ба яклухтии натюрморт ва намуди ҳамоҳангонаи он ҳосил мегардад.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**
1. Ранг-тобишҳо чистанд?
2. Мафҳуми муқобили якдигар (контраст) чист?
3. Муқобилӣ дар натюрмортро таъриф диҳед.
4. Чизҳо (предметҳо) нисбат ба якдигар чӣ гуна ҷойгир карда мешаванд?

**Супориши хонагӣ.** Бо усули график кор кардани натюрморти иборат аз чизҳои муқобил.

## *Дарсҳои 6-7-ум.* КОР БО НАТЮРМОРТИ МАВЗӮЪГИИ АЗ ЗАРФҲОИ МИЛЛӢ ИБОРАТ

Барои офаридани натюрморти мавзӯъгии аз зарфҳои миллӣ бо ранги акварел маводҳои иборат аз 2–3 чиз, муносибатҳои рангу тобиш аз якдигар фарққунанда, аз ҷиҳати шакл чандон мураккаб набуда лозим аст. Рехтаҳои (қӯйилма) иборат аз чизҳои содда аз тахти дил сайқал надода, ба натиҷаҳои эҷобӣ ноил нашуда, ба иҷрои рехтаҳои мураккаби натура гузаштан нодуруст аст.

Мунтазам иҷро кардани машқҳо дар рангҳои акварел ва онҳоро тадриҷан мураккаб кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Барои амалан намоиш додани (аёнӣ) ҷараёни кор бо акварел дар рӯйи натюрморт рехтаи натуравии иборат аз меваҳо ва чизҳои маишии каме мураккаб набударо мегирем. Зарфи дар рехтабуда рӯяи ҳамвори ҷилонок дошта, инчунин, шӯълаи равшани ифодаёфта мавҷуд. Ҳама чизҳо дар рӯйи стол гузошта шуда, дар ақиб фони девори рангаш равшани хокистарӣ ва матоъҳои якрант. Дар

меваҳо нимсояҳои ишорашуда аниқ намоён мебошанд. Дар зарфҳо рефлексҳои гарм ва хунук мавҷуданд.

Қаламтасвири ин гуна натюрморт душворӣ пеш намеоранд, аммо тасвир ба воситаи рангҳо каме мураккабтар аст. Чунки барои аниқ тасвиркунии ранги меваҳо ба муносибатҳои ранг бояд қатъӣ амал кард. Қабати аввалини ранги молидаро сар карда, ҳамоҳангию мутаносибии муносибатҳои рангҳоро бояд нишон дод. Баъди хушкшавии ранги акварел каме тағйир мeёбад, аз ин сабаб онҳоро аз ҷиҳати ранг ғафстар гирифтан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар ҷараёни тасвиркунӣ бо рангҳои акварел ба ранг накардани қисмҳои равшани чизҳою мавод ҳаракат кунед. Рангҳо агар дар ҷойҳо зарурӣ молида шавад, тобишҳои паҳлӯи онҳоро ёфтан кори осон аст.

Шакли ҳаҷмдори ҳар як чизро вобаста ба тағйирёбии ранг ба туфайли тобишҳои (тус) равшану соя бодиққат мушоҳида бояд кард. Зарфи ҷигарранг дар нимсоя ва равшанӣ ранги гуногун касб менамояд. Рефлексҳои (инъикоси) аз фон афтода на ҷигарранг, балки сиёҳранг мешавад. Ғайр аз ин зери сояи меваҳо рефлексҳо (инъикос) мавҷуд буда, онҳо бо тобишҳои кушоду тира (ғафс) ва ранг фарқ менамоянд.

Муҳимтар аз ҳама ба ҳама предметҳо дар як вақт ранги ҳам кушоду ғафс (тира) дар ҳолати муқоиса бояд ранг дод. Яъне чизҳоро на дар алоҳидагӣ, балки дар намои яклухту том бояд мушоҳида кард. Фарқ кардани ранги ду предмети паҳлӯи ҳам истода мушкил нест. Агар дар назди мо натюрморти иборат аз даҳто чиз бошад, ранги ҳар як чизро дар алоҳидагӣ ва ҳамаашро якҷоя бояд муқоиса кард.



Натюрморт

Ҳангоми офаридани шакли ҳаҷмдори ҳар як чиз намудҳои ранги гарм ва хунукро бодиққат мушоҳида бояд кард.

Кушоду тира ва рангдории предметҳо ба фон ва ранги чизҳои атроф вобаста буда мешавад. Сояҳо ба якдигар рӯ ба рӯ оянд, равшан шуда, боз ҳам мунаввар мегарданд.

Ба нишон додани рӯяи байни намоҳои пеш ва ақиби чизҳои тасвир эътибори алоҳида бояд дод. Чизҳои натюрморт дар масофаи аз якдигар фарққунанда ҷойгир карда, чизҳои наздик равшантар менамоянд.

Ранги чизҳои дуртар истода сабуктар ва хиратар гирифта мешавад. Ҳангоми тасвиркунии натюрморт дар натура ҳис кардани таъсири перспективаи (равшан ё хира намудоршавии чизҳо дар расмкашӣ) ҳаво хеле мураккаб аст. Сарфи назар аз он инро дар асоси қонунияти перспектива ҳангоми тасвиркунӣ бо қалам чизи дар пешистодаро наздиктар, дигарашро дуртар тасвир кардан лозим аст.



Марҳилаи 1-ум



Марҳилаи 2-юм



Марҳилаи 3-юм



Марҳилаи 4-ум

Ҷойҳои равшаншудаи чизҳо намуди аниқи берунӣ доранд. Тобишҳо ва контрастҳои рангҳои соя ва намои дур susттар, шаклашон бошанд намои барҷалои берунӣ надоранд.

Тасвири чизҳои намои соя ва ақиб дар ҳолати умумишуда мешаванд. Айнан дар ин ҷо усули кори дар ҳолати намбударо истифода кардан маъқул аст. Пеш аз оғози кор коғазро бо оби тоза, латтаи мулоим ё бо ёрии мӯйқаламӣ калон тар карда мешавад. Баъд аз ду-се дақиқа, вақте коғаз обро мекашад, бо акварел корро сар кардан мумкин аст. Ранги молидашуда ҳам дар рӯйи коғаз паҳн шуда, ба якдигар омехта гашта, гузаштҳои маҳин ва нозук ҳосил мекунад. Агар ягон ҷойро ҷудо кардан лозим бошад,

коғаз бурида ранги даркорӣ молида ё бо мӯйқалами хушк ҷойҳои сарҳади аниқи рангро талабкунанда тира карда мешавад. Усули кор дар ҳолати намии коғаз барои хеле нозук ва ҷозибанок баромадани тасвир имкон медиҳад.



Евгений Мелников. «Анор ва биҳӣ»

Дар ҷараёни кор бо рангҳои акварел гузаштҳои нозукро дар сояю равшанӣ ҳамворакак кардан шарт нест. Коғази намаш зиёд варам ва каҷ мешавад, аммо дар ҳолати хушкшавӣ кашида мешавад ва он вақт корро давом додан мумкин.

Натюрмортҳои мавзӯъгии иборат аз зарфҳо-табақҳои миллиро дар асарҳои рассомони машҳур низ дидан мумкин аст. Масалан, асари «Анор ва биҳӣ»-и Е.Мелников, «Натюрморт»-и Н.Орипов мисоли равшани мавзӯъ аст.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Натюрмортҳои иборат аз зарф-табақҳои миллиро чӣ гуна тасаввур мекунед?



Нодира Орипова. Натюрморт

2. Қонуниятҳои перспектива (манзара дар расм)-ро фаҳмонед.
3. Ҳангоми гузоштани қабати аввалини ранг ба чиҳо бояд эътибор дод?
4. Барои эзоҳ додани мазмуни натюрморт нақши чиз, ашёҳо чӣ гуна аст?

**Супориши хонагӣ.** Кор дар рӯйи натюрморти мавзӯъноки иборат аз зарфҳои миллӣ.

## *Дарси 8-ум.* КОРИ НАЗОРАТИИ 1-УМ. НАТЮРМОРТ

## *Дарси 9-ум.* КОР БОЛОИ НАТЮРМОРТ ДАР ФОНИ (ТАЪСИРИ) МАНЗАРАИ ТАБИАТ

Кори болои натюрморт дар шафати манзараи табиат қонуниятҳои худро дорад. Ин корро бояд аз рӯйи тартиб анҷом бояд дод.

Маҳсули кори мувофиқи тартиби муайян (пайдарҳамӣ) анҷомёфта аҳамияти бузург дорад. Дар ҷараёни эҷоди натюрморт дар фони манзараи табиат донистани аз чӣ сар кардан кор, дар байни он ба кадом талабҳо бояд риоя кард ва дар куҷо анҷом дод, хеле муҳим аст.

Фони натюрморт манзара буда, байни предметҳои дар назди тиреза ва манзара истода масофаи фазовӣ мавҷуд аст. Дар намои пеш, миёна ва ақиб рангҳои гуногун доштани муносибатҳои рангро бояд дарк намуд. Дар тасвиркунӣ перспективаи ҳавоӣ аҳамияти калон дорад. Ҳангоми тасвиркунии натюрморти дар назди тиреза ҷойгирифта аниқ кардани равшанию сояи умумӣ, рангу тобишҳо ва дар қисмҳои калонаш ҳамоҳангии равшанию соя, рангу тобиш муҳим аст.



Раҳим Аҳмедов. Натюрморт

Ҳангоми тасвиркунии натюрморт дар шафати манзараи табиат нисбат ба хатти уфуқ чӣ гуна ҷойгиршавӣ аҳамияти калон дорад. Маълум аст, ки



Малика Мирсодиқова. «Хризантемаҳо»

ашёи натюрморти аз баландии чашм ба паст гузошташуда дар ҳамворӣ пурра намоён шуда, асосҳои ашёҳо, ҷойгиршавии онҳо баръало намоён шуда ва барои тасвиркунӣ осонӣ муҳайё мекунад. Барои пурратар ифода ва тасвир намудан нурҳои рӯшноӣ аз пеш ё аз шафат (паҳлӯ) бояд афтанд. Агар таъсири рӯшноии табиӣ кофӣ набошад, аз тарафи паҳлӯи натюрморт рӯшноидиҳандаи сунъӣ гузошта мешавад. Дар он сурат контрасти рӯшноӣ-соя дар чизҳои пешбуда бештар афтода, ҳаҷмнокии онҳо шикаста дар назар намоён мешавад, рӯяҳо (берун) пурра падидор мегарданд. Дар чизҳои дар мадди (плани) дуюмбуда зиддият (контраст) камтар ҳис мешавад.

Баробари камшавии таъсири нурҳо (қувват) зиддияти (контрасти) ашёҳои дар мадди (плани) сеюмбуда боз ҳам маҳин мешавад, сарҳади онҳо бо ҷойҳои ғафси (тӯқ) фон умумӣ шуда менамоянд. Натюрмортро дар назди тире-

за гузошта, дар фони (манзараи) ақиб манзараи табииро дидан мумкин. Ба натюрморт нурҳо аз тарафи пеш меафтанд, соя ва рефлексҳо чандон бисёр намешаванд ва ранги худи предметҳо баръало, кушод менамояд.

Дар мавзӯи эҷоди натюрморт дар фони (назди) манзараи табиат намунаҳои натюрморти дар назди тиреза гузошташуда ва дар манзараи табиат эҷодҳои рассомони натюрмортчӣ Х.Матисс, Ван Гог, Р.Аҳмедов мисол шуда метавонанд.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Шарти асосии тасвир кардани натюрморт дар фони манзараи табиат чист?
2. Дар тасвир намудани натюрморт дар фони манзараи табиат масофа бо ёрии кадом воситаҳо дода мешавад?
3. Хатти уфуқ нисбатан чӣ гуна гирифта мешавад?
4. Ба натюрморт нурҳо аз кадом тараф меафтанд?

**Супориши хонагӣ.** Дар фони манзараи табиат кашида омадани натюрморт.

ЧОРЯКИ II

## *Дарси 10-ум.* МАНЗАРА ДАР РАНГТАСВИР ВА ГРАФИКА

**Манзара** жанри санъати тасвирӣ буда, намуд (намо), тасвири ягон ҷой дар табиат ба ҳисоб меравад. Дар манзара ба воситаи тасвири табиат, намуди баҳр (марина), дарахтзорон, теппаҳо, қиёфаи шаҳру деҳот, умуман, тасвири ҷойҳои гуногун дар инсон эҳсосот, образҳои бадеӣ ифода карда мешавад. Жанри манзара дар асрҳои миёна дар Хитой, Япония: дар даври Эҳё бошад, дар Европа ривоҷ кард. Дар Ӯзбекистон дар жанри манзара Павел Бенков, Ӯрол Тансиқбоев, Николай Карахан бо асарҳои ҷозибанокашон машҳуранд.



Ӯрол Тансиқбоев. «Манзараи кӯҳ»



Ҷавлон Умарбеков. «Кӯпруки Бӯзсув»



Рустам Худойберганов. «Кӯпруки нав»

Рассом барои офаридани асарҳои оиди жанри манзара  аз рангҳои гуногун: ранги равғанӣ, акварел, гуаш, темпера, пастел, қаламӣ рангин истифода мешавад.

Павел Петрович Бенков солҳои зиёд диёрамонро дар ҳолати рӯзҳои офтобӣ ва серфайз тасвир кард ва эҷод намуд. Дар ҳар як асари ӯ табиати зебои Ӯзбекистони азизамон, ҳаёту меҳнати халқи ӯзбек тасвир карда шудаанд.

Эҷоди рассоми машҳур Ӯрол Тансиқбоев асосан ба инъикоси манзараҳои назаррабо ва табиати нафиси Осиёи Марказӣ ба воситаи мӯйқалам нигаронида шудааст. Асарҳои зиёди эҷодкор, аз қабили «Шоми Иссиққӯл», «Баҳор дар Ӯзбекистон», «Субҳи ГЭС-и Қайроққум», «Зардолу гул мекунад», «Субҳи тирамоҳ» ӯро ҳамчун устои моҳири мӯйқалам дар ҷаҳон шиносонд. Агар ба

асари Ӯрол Тансиқбоев «Ҳангоми шом» назар андозем, дар пеши назари бинанда диёри гулҳояш шукуфони кишвари ӯзбек, табиати ба дил оромибахши он, заминҳои ба туфайли меҳнати инсон ба боғу бӯстон табдилёфта падидор мегардад.

Рассоми маъруф Ғафур Абдураҳмонов ҳам дар жанри манзара эҷод кардааст. Композитсияҳои офаридаи рассом бо гуногунии мавзӯъ ва ранг ба рангиашон фарқ мекунанд. Аз онҳо хусусан агар асари «Суруд»-ро тамошо кунед, оҳангҳои ҷозибаноки табиатро бо эҳсосоти дар қалби инсон буда дар ҳамбастагӣ шунидагӣ барин мешавед. Теппаву даманҳои дар баҳор гулпӯшон, ҳаракатҳои духтарони ба ин манзара мафтуншуда, қуллаҳои кӯҳ, инчунин ба рангҳои ҳам вобаста тасвир ёфтани абрпораҳои дурбуда ҳар як бинандаро сеҳр менамояд. Дар манзарае бо номи «Субҳ дар Бахмал» ҳолати дар табиат навшаванда аз тарафи рассом моҳирона зери тасвир дошта шудааст. Дар тасвир субҳгоҳон ҷон гирифтан ва бедор




Козим Умурзаков. «Этюд»

шудани табиати мафтунсозанда равшан эҳсос мешавад. Ин асарҳо баробари он, ки дар тамошобин кайфияти хуш мебахшанд, барои истироҳати мароқангез ёрӣ мерасонад. Ҳисси муҳаббатро ба табиат бедор мекунад ва завқи эстетикӣ мебахшад. Муғҷаҳои завқи рассомро нисбат ба жанри манзара ҳангоми кашидани этюдҳои нахустинаш пай бурдан мумкин.

Барои кашидани манзара дар рангтасвир дар коғаз хатти уфуқи объекти интихобшуда қайд шуда, намуди табиат бо ёрии хатҳо ифода карда мешавад.

Дар графика (санъати рассомии сиёҳқаламӣ) манзара чунин иҷро мешавад.



Ҷавлон Умарбеков. «Роҳи Ангрен»

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Асари рассом Рустам Худойберганов «Кӯпруки нав»-ро таҳлил кунед.
2. Асарҳои оид ба мавзӯи манзараро таҳлил намоед.

**Супориши хонагӣ.** Дар синф манзараи бо қалам саршударо ранг диҳед.

## *Дарси 11-ум.* ТАСВИР КАРДАНИ МАНЗАРАИ ОБРАЗНОКИ ТАБИАТ

Барои кор болои манзараи образноки табиат аввал бо ёрии қалам қисмҳои алоҳидаи он кашида мешавад. Барои пурмазмун ва ифоданок баромадани тасвир элементҳои манзара: дарахтон, абрҳо, кӯҳҳо, шаклҳои сохти ҷойро кашидан зарур. Инчунин, ҳангоми кашидани манзара табиатро бодиққат омӯхтан талаб карда мешавад.

Дар асари «Рӯзи бӯронӣ»-и рассом А. Мӯъминов як намуди табиатро мушоҳида кардан мумкин.

Дар кашидани манзараи образноки табиат ба қоидаҳои перспективаи хаттӣ ва фазогӣ риоя кардан лозим. Ҳар як ашё (предмет, чиз) баробари дуршавӣ хурд шуда, хатҳояш, рӯшноиаш, рангаш тағйир меёбанд. Чизҳои табиат чӣ қадар ба мо наздик бошад, онҳо ҳамон қадар аниқ ва равшан менамоянд.



Рубен Акбалян. Этюд

Манзараро ба маромаш расонида тасвир намудан аҳамияти калон дорад. Манзара рӯзона, субҳидам ё шабона намуди ба худ хос дорад. Субҳидам гӯё атрофро дуд иҳота мекунад. Яъне ҳангоми тасвир кардани манза-



Этюди манзара. «Осмони абрнок»



Этюди манзара. «Баъди борон»



Руслан Халилов. «Ҳавои кушод»

раи пагоҳирӯзӣ намои ақиб каме хира, сохти чизҳои дар пеш истода каме аниқ карда кашидан лозим.

Шомгоҳон баръакс, сохту намои ҳама чизҳо мисли осмон аниқтар менамояд. Дар рӯзҳои абрнок замин чизҳои дар он буда ва осмон хиратар ва сиёҳтар менамоянд.

Барои образнок кашидани манзараи табиат ё тасвиркунии ягон пораи он қоидаҳои алоҳида мавҷуд нест. Тасвир кардани манзара низ монанди кашидани нусхаи асли дигар чизҳо иҷро мегардад.

**Марҳиланок тасвир кардани манзараи табиат**



Барои боло бурдани таъсирнокии образи табиат, аниқ ифода кардани ҳолати вай корро контрастнок ё маҳин, ё ширгарм, хунук, кушодтар ва ғафстар, баръало ё бо тар-

зи умумишуда иҷро кардан мумкин. Ҳис кардани табиати ҷоннок, бағоят дилфиребии онро дарк намудан, инчунин, мароқ ба он мизони ҳалли тасвиркунии образноки манзараи табиат аст.

Масалан, табиат ҳамеша манбаи ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ, эҳсосоти зебоӣ шуда омадааст.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Шарти асосии тасвиркунии манзараи образноки табиат чист?
2. Дар манзараи образноки табиат масофа бо ёрии кадом воситаҳо дода мешавад?
3. Чаро тасвири образноки табиат мегӯянд?

**Супориши хонагӣ.** Ягон манзараи образноки табиатро тасвир карда биёред.

## *Дарси 12-ум.* КОР БОЛОИ КАШИДАНИ РАСМИ МАНЗАРА БО РАНГИ САФЕД ВА СИЁҲ

Тасвирҳои хаттӣ ба якҷоягии рангҳои сафед ва сиёҳ ба санъати графика дохил мешавад. Графика аз калимаи юнонии «grapho» гирифта шуда, маънояш «мекашам», «менависам», «расм мекашам» аст.



Анна Остроумова-Лебедова. «Кӯпрук»



Манзара



Барои кашидани графика асосан аз рангҳои сафед ва сиёҳ истифода мешавад. Вақти офаридани расмҳои гуногуни графикӣ бо назардошти хусусиятҳояшон рангҳои сиёҳ бо дараҷаи кушоду ғафсӣ (тирагӣ) фарқ мекунанд. Онҳо кушод, ғафс ва сахт мешаванд, рангҳои сафед бошанд, тунук (соф) ва нозук мешаванд, онҳо барои тасвиркунииии кайфияти бузургворӣ ва шодмонӣ истифода мегарданд.

Донишомӯзони азиз, манзара дар асоси қоидаҳои перспектива (тарзи расмкашӣ) тасвир карда мешавад. Перспектива калимаи юнонӣ буда, маънояш «аниқ мебинам» аст.

Барои тасвиркунии манзара аввал хатти уфуқро аниқ бояд кунем. Хатти уфуқ хат-ҳамвории ҳамеша аз пеши назарамон гузаранда аст. Ашёҳои атрофамон болои хатти уфуқ, зераш ё дар худи хат ҷой мегиранд. Инҳоро дар тасвир мушоҳида карданамон мумкин.





Ҳангоми тасвиркунии манзара дар графика аз перспективаи хаттӣ ва тобишнок (тусли) истифода мебарем. Перспективаи хаттӣ усули тасвиркунии ҳастӣ, воқеият дар коғаз бо ҳаҷму чуқуриаш мебошад.



Ӯ.Тансиқбоев. «Манзара»

Дар графика ба перспективаи рангӣ (тобишӣ) бори аввал Леонардо да Винчи асос гузошт, дар он баробари дуршавӣ аз ашёҳо дараҷаи тобиш тағйир меёфт.

Дар расми графикӣ барои тасвиркунии манзараи ҳолатҳои хотирҷамъӣ, хаёл бурданро ифодакунанда аз хатҳои албатта равон, хотирҷамъ, доирамонанд, шикаста ва каҷ истифода мебаранд. Дар тасвири образи дарахт бо ёрии хатҳои дар ҳолати вертикалӣ ва горизонталӣ буда шоху баргҳо, шаклҳои танаи он ифода мегардад.



Манзараи дарахт



Исаак Левитан.
«Рӯзи офтобӣ. Роҳи калон»

Ҳоло бо усули хат ва сиёҳу сафед тасвиркунии композитсияи манзараи намояш пурҳаяҷон, пуртуғён ва ҷиддиро меомӯзем.



«Санавбарҳо». Туш, перо



«Дарахти себ». Туш

Ин композитсияҳои «Санавбарҳо», «Дарахти себ» бо туш иҷро шуда, дар онҳо аз хатҳои ғафсшуда шаклҳои гуногуни хат ва рӯшноию соя ва тамоилҳои гуногуни онҳо истифода бурда шудааст.



«Тӯси хамшуда». Графика

Албатта барои кашидани расми графикӣ ҷои манзараноки ҳолатҳои хотирҷамъӣ ва сокиниро ифодакунанда интихоб мешавад. Ҷои манзари тасвиршаванадро бодиққат мушоҳида карда, баъд барои тасвиркунӣ ҳаракат ме-

кунем. Мо тасвиркунии манзараи табиатро марҳила ба марҳила кашида, ба амал мебарорем.



**Дар марҳилаи якум** тасвири манзараро дар коғаз ба воситаи хатҳои ёрирасон ва хатҳои уфуқӣ ҷойгир мекунем. Баъди тайёр шудани тасвири композитсия дар асоси перспективаи хаттӣ онро бори дигар бо натура муқоиса кардан лозим. Камбудиҳои аниқшуда бартараф мешаванд.

**Дар марҳилаи дуюм** ҷойҳои рӯшану сояи манзара аниқ карда, бо ёрии хатҳои сабук штрихҳо давонида мешавад.

**Дар марҳилаи сеюм** муносибати тобишҳо дар ҷойҳои кушоду тира аниқ карда мешавад.

**Дар марҳилаи чорум** ҳаҷми дарахтҳо дар манзара, ҷойҳои хоси он, сояҳояш, вобастагии байни онҳо ба охир расонида мешавад. Ҷойҳои сояноки ғафсаш пурра ва умумӣ гардонида мешавад.





Дар охири дарс аз расмҳои кашидаи бачаҳо намоишгоҳ ташкил намуда, онҳо таҳлил карда мешаванд.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Якҷоягии рангҳои сафеду сиёҳ ба намуди кадом санъат дохил мешавад?
2. Перспектива чӣ маъно дорад?
3. Перспективаи тобишнок чист ва кай пайдо шудааст?

**Супориши хонагӣ.** Офаридани композитсияи натюрморт аз рангҳои сафеду сиёҳ.

## *Дарси 13-ум.* КОР БОЛОИ РАСМИ МАНЗАРА ДАР ҲОЛАТҲОИ ГУНОГУН

***Манзара жанрест, ки дар санъати тасвирӣ намудҳои табиатро ифода мекунад.*** Дар он асосан намуди табиат, кӯҳ, кӯл, саҳро ва шаҳр инъикос мешавад. Рассоми манзаракаш ба воситаи асарҳояшон муносибаташонро ба табиат, эҳсосот, ҳолатҳои гуногуни онро ифода мекунад. Дар санъати тасвирӣ номи рассомони манзаракаш: А. Савсаров, И. Шишкин, И. Левитан, Ӯ. Тансиқбоев, Н. Карахан, Р. Темиров. И. Шин ва дигаронро қайд кардан мумкин.

Аз сабаби он, ки жанри манзара каме мураккаб аст, аввал ягон пора ё қисми ашёро дида тасвир кардан хеле мусоид аст. Масалан, танаи дарахт, навда, шоху баргҳо ва монанди инҳоро кашидан мумкин.



Тешабой Раҳматов. «Субҳ»



Искра Шин. «Баҳор»

Барои ин ҳаракат кунед аломатҳои характерноки ашёҳо, нисбати порчаҳо (қисмҳо), тамоили онро дуруст тасвир намоед. Пас аз он кашидани ягон дарахтро якҷоя бо абрҳои осмонӣ амалӣ намудан лозим, баъд ба тасвир кардани намои бутуни манзара оҳиста-оҳиста гузаштан айни муддао аст. Ин гуна корҳоро аввал бо қалам, баъд бо ранг иҷро кардан зарур. Ҳангоми офаридани манзара ашёҳои наздик, миёна ва дур, асосан, дар се намуд ҷойгир карда мешаванд.

Ашёҳои наздик аниқтар, дурбуда кушодтар кашида мешавад. Барои дуруст кашидани ин намудҳо аввал манзараро бодиққат мушоҳида карда, ҳангоми тасвиркунӣ ашёҳои дуристодаро нисбат ба ашёҳои наздик хурдтар карданро ба эътибор бояд гирифт ва мувофиқи перспек-

тиваи ҳаво ашёҳои дурбуда аз ҷиҳати рангу тобиш нисбат ба ашёҳои наздикбуда хиратар ва кушодтар менамояд.

Барои тасвир намудани ягон ҳолати табиат аз куҷо гузаштани нуқтаи дидан ва хатти уфуқ дар коғаз аниқ ишора карда мешавад. Барои дуруст ёфтани композитсияи расм манзараи кашидашавандаро аз асбоби чорчӯбаи маҳдудсозанда (асбоби махсусест, ки аз картон ё коғаз сохта мешавад) истифода бурдан мумкин. Баъди ёфтани композитсия онро рӯйи коғаз бо хатҳои сабук кашидан мумкин. Зимни он ба ҷойгиршавии ашёҳои наздик ва дуристода, андоза ва аломатҳои характер, нисбати онҳо ва дигар хусусиятҳо эътибор дода мешавад. Ҳангоми кашидан бо ранг эътибори асосӣ ба таъсири рангҳои табиат ба ранги дигар ашёҳои атроф, ба яклухтии колорити (ҷамъи рангҳо) композитсия нигаронида мешавад.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Аз рассомони манзаракаш киҳоро медонед?
2. Жанри манзара ба кадом намуди санъати тасвирӣ мансуб аст?
3. Ҳангоми тасвиркунии манзара ба чиҳо бояд эътибор дод?

**Супориши хонагӣ.** Тасвир намудани ягон ҳолати табиат.

## *Дарси 14-ум.* ТАСВИРКУНИИ ДАРАХТ ҲАНГОМИ САФЕДАШАБ Ё ҒУРУБИ ОФТОБ

Шамол намевазад, шаб гарм, аммо сокин. Атроф ором. Дар осмон моҳи пурра нур пошида, дашту даманро равшан кардааст. Моҳ ба оби кӯл шӯъла пошида, рангҳои кабудтоб, зард ва тиллоранг ҷило мебахшанд. Дарахтон бо якдигар оҳиста пичиррос карда, ба шаби хоби сокин гӯё гӯш меандохтанд.



Архип Куинҷӣ. «Сафедашаб»



Ғафур Абдураҳмонов. «Сафедашаб»

Акнун ин манзараро рӯйи коғаз бояд тасвир намуд. Барои ин ҳалли тасвири асосии суратро ёфтан лозим. Бо забони санъати тасвирӣ тасвиркунии манзараи табиат– кӯл, моҳ, дарахтзор аст, ҳамаи ин намуди яклухтро ташкил мекунад.

Гарчанде тасвиркунии манзараи табиат кори мушкил аст, рассом Ғ. Абдураҳмонов фикри худро ба мо моҳирона расондааст. Моҳи аз байни абрҳо баромада ба рӯйи об нур пошида, соҳилҳоро ранги сурху ҷигарранг фаро гирифтааст. Ҳар кадоме ҷои худро ёфта, ҳаво, холигӣ, макон бодиққат инъикос ёфтаанд.

Суратро бо рангҳои гуаш ё акварел тасвир кардан ва бо онҳо манзараҳои табиатро зебо ва пурмазмун кашидан мумкин.

Мураббийи хизматнишондодаи Ӯзбекистон, устои машҳури рангтасвир Ғафур Абдураҳмонов ба инкишофи санъати рассомии ӯзбек саҳми босазо гузоштааст. Ӯ дар деҳаи Келеси ноҳияи Тошкент ба дунё омадааст. Соли 1955 Омӯзишгоҳи рассомии ба номи П. Бенкови республикаро хатм кардааст. Он ҷо аз М. Набиев, Ҳ. Раҳматов, Т. Оганесов барин устодон сабақ гирифтааст.



Неъмат Қӯзибоев. «Фурӯ рафтани рӯз»

Баъд дар Донишкадаи санъати театрию рассомии Тошканд устохонаи профессор Р. Аҳмедовро тамом кардааст. Ғ. Абдураҳмонов дар соҳаи санъати тасвирӣ пурмаҳсул эҷод кард. Хусусияти характерноки асарҳояш дар он аст, ки ӯ барои пурра аз бар намудани имкониятҳои беҳадди натура кӯшиш кард. Дар эҷоди рассом этюдҳо нақши калон доранд. Ҷараёнҳои дар табиат рӯйдода, тобишу тағйиротҳо, аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштан, фарқи нозуки зери таъсири рӯшноӣ ва соя пайдошавандаро эҳсос карда, дар тасвир ҷон бахшидан аз мусаввир истеъдод ва қобилият талаб менамояд.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Ҳангоми тасвир намудани дарахт вақти сафедашаб ё ғуруби офтоб ба чиҳо бояд эътибор дод?
2. Ҳангоми тасвир кардан аз кадом рангҳо истифода мешавад?
3. Асарҳои «Сафедашаб»-и рассомон А. Куинджи ва Ғ. Абдураҳмоноворо муқоиса кунед ва шарҳ диҳед.

**Супориши хонагӣ.** Тасвир кардани манзара ҳангоми ғуруби офтоб

## *Дарси 15-ум.* КОРИ НАЗОРАТИИ 2-ЮМ. КОР БОЛОИ РӮЗНОМАИ ДЕВОРӢ

Иди соли нав аз соли кӯҳнаро гусел карда, навашро пешвоз гирифтан сар мешавад. Ин ид дар аксари давлатҳо ба таври анъанавӣ ҷашн гирифта мешавад. Дар атрофи арча ҷашн гирифтани Соли нав низ аз ҳукми анъана аст. Дар иди Соли нав омадани Бобои барфӣ ва Маликаи барфиро ҳама дер вақт мунтазир мешаванд.

Дар аксари давлатҳо ин идро дар муҳити оилавӣ қайд мекунанд. Албатта арча рост мекунанд, арча бо ҳар гуна арча зеб дода мешавад. Одамон дар лабҳо табассум, хушу хурсанд мегарданд.

Албатта дар арафаи ид дар ҳар як муассисаи таълимӣ дар мавзӯи «Соли нав» рӯзномаи (газетаи) деворӣ тайёр мекунанд. Барои тайёр кардани рӯзномаи деворӣ дуто коғази ватманро як мекунанд. Дар коғази якшуда номи мавзӯи Соли нав ҳамчун мавзӯи асосӣ қайд мешавад. Расмҳои бахшида ба ҷашни Соли навро бояд бо қалам кашид. Расми бозичаҳои тайёршуда дар ҷойҳои зарурии рӯзнома ҷойгир карда мешавад. Аз ҷиҳати ранг ба якдигар монандӣ ва фарқияти расмҳои тайёршудаи Солина-

вии газетаҳои деворӣ, қисмҳои навиштаҷот ҳамоҳанг гардонида мешавад.




Газетаи девории ба муносибати Соли нав тайёршуда бори дигар аз назар гузаронида мешавад. Аз ин рӯзномаи девории  тайёр дар шабнишинии солинавии мактабӣ барои табрик кардани падару модарон низ истифода бурдан мумкин.



**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Иди Соли нав чӣ гуна ид аст?
2. Асарҳои рассомонро бахшида ба ҷашни Соли нав таҳлил намоед.
3. Барои рӯзномаи девории бахшида ба Соли нав расмҳои арча, Бобои барфӣ ва Маликаи барфиро тасвир кунед.
4. Барои тайёркунии рӯзномаи деворӣ аз кадом рангҳо бештар истифода мебаранд?



**Супориши хонагӣ.** Бахшида ба ҷашни Соли нав тасвирҳо кашида овардан.

## *Дарси 16-ум.* ЖАНРИ АНИМАЛИСТӢ ДАР САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Жанри анималистӣ хусусиятҳои ба худ хоси санъати тасвирӣ аст. ***Вай калимаи лотинӣ буда, «анимал» маънои олмаи ҳайвонотро дорад.*** Рассоми анималист ба олами ҳайвонот бо мароқ ва маҳорат нигоҳ мекунад.

Олами ҳайвонот дар ҳаёти одамони ҷамъияти ибтидоӣ аҳамияти калон доштанд. Дар ҳамон давр одамон дар девори ғорҳо сурати оҳу, қӯтос, мамонтҳоро мекашиданд.

Дар Япония ва Хитойи қадим тасвирҳои ҳайвонҳо ҳангоми офаридани нақшҳои декоративӣ ва композитсияи монументалӣ ҳамчун чизи асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар асри XVII анатомияи олами ҳайвонотро мусаввирони бузург Леонардо да Винчи ва А. Дюрер тасвир карданд.

Дар Россия аввалин рассоми анималист И. Гроот буд. Ҳайкалтароши кӯҳансол ва мусаввири график В.А. Ватагин дар асарҳояш олами ҳайвонотро ҳаққонӣ ва боварибахш тасвир кардаанд.

Ёдгории аввалини ҳайкалтарошӣ дар Осиёи Марказӣ ҳайкалҳои ҳайвон (саг, оҳу) дар назди қасри княз Ро-



Пётр Мордвинсев. «Сукунат»



Алишер Алиқулов. «Дар шикор»

манов (Тошканд), ҳайкали шерони назди дари Ситораи Моҳи Хосса (Бухоро) ба ҳисоб мераванд.

Дар намоишгоҳи соли 1886 дар Тошканд усто Тӯхта Содиқ Хӯҷаев ҳайкалҳои аз алебастр сохтшудаи асп ва оҳуро нишони додааст.

Дар жанри анималистии санъати тасвирӣ асари «Сукунат»-и аз тарафи рассом П. Мордвинсевро, ки дар он асп ва тойяш дар дашт тасвир шудаанд, қайд кардан зарур.

Дар жанри анималистӣ, асосан, ҳайкалтарошҳоямон асарҳои эҷодии худро офарида, ҳиссаи бузург гузоштанд. Аз солҳои 60-уми асри XX сар карда, монанди М. Мӯсобоев, А. Бойматов, Ҷ. Қуттимуродов даҳҳо ҳайкалтарошони боистеъдод ба олами эҷод қадам ниҳоданд. Онҳо дар ҳайкалҳои худ гузашта, имрӯз, тарзи зист, фаъолияти меҳнатӣ ва эҷодгарии халқи ӯзбекро дар ҳайкалҳояшон ифода кардаанд.

Абдумӯъмин Бойматов соли 1934 дар деҳаи Бешболаи вилояти Фарғона таваллуд ёфтааст. Рассоми халқии Ӯзбекистон. Дар жанри ҳайкали анималистӣ якчанд корҳоро анҷом додааст.


Абдумӯмин Бойматов. Иҷрои кори эҷодӣ

Дар солҳои истиқлол ҳамчун асари аввалини таърихӣ оид ба санъати ҳайкалтарошӣ ҳайкали аспсавори маҳобатноки Амир Темурро (И. Ҷабборов) қайд кардан ҷоиз аст.

Дар ин давр аз тарафи намояндагони санъати ҳайкалтарошии дастгоҳӣ Т. Тоҷихӯжаев «Чапандоз», Ҷ. Қуттимуродов «Қу» барин асарҳо офариданд.

Алишер Алиқулов соли 1966 дар шаҳри Тошканд таваллуд ёфт. Санъати арбоби Республикаи Ӯзбекистон. Дар солҳои истиқлол рассоми ҷавони боистеъдод дар жанри анималистӣ асарҳои зиёд эҷод кард. Оид ба ин жанр якчанд асарҳоро, аз ҷумла «Саркаш» (2001), «Пас аз раъду барқ» (2002), «Субҳ» (2002), «Бузкаш» (2005), «Ба рӯшноӣ» (2005)-ро офарид.

## Иҷрои кори амалӣ



Усулҳои кор болои расми асп



Эҷоди расми харгӯш

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта**:

1. Жанри анималистӣ чист?
2. Аз кадом давр сар карда тасвири ҳайвонҳо кашида шуданд?
3. Аз ҳайкалтарошоне, ки ҳайкали ҳайвонҳоро офарида-анд, киҳоро медонед?
4. Муаллифони асари «Қу», «Чапандоз» киҳоянд?

**Супориши хонагӣ.** Иҷрои кори амалӣ дар мавзӯи жанри анималистӣ дар санъати тасвирӣ.

## *Дарси 17-ум.* ТАҲИЯИ КОМПОЗИТСИЯ ДАР МАВЗӮИ «МАН ҲАМ АСКАР МЕШАВАМ»

Таърих гувоҳ аст, ки қаҳрамонони Ватанамон хеле зиёданд. Инсоният ҳамеша аз мардию ватанпарварӣ, ҷасуру матини қаҳрамононаш фахр менамояд. Ҷавонони имрӯзаи мо дар Қувваҳои Мусаллаҳи давлати мустақиламон, қӯшунҳои сарҳадӣ бо ҷасорат хизмат карда, шабу рӯз кишвар, Модар-Ватанро ҳимоя карда меоянд. Бо ташаббуси Президенти нахустини Республикаи Ӯзбекистон И. Каримов аз соли 1992 14-уми январ ҳамчун «Рӯзи муҳофизони Ватан» васеъ ҷашн гирифта мешавад. Бахшида ба онҳое, ки сарҳадоти Ватанро ҳушёрона посбонӣ карда, қарзи ҳарбиашонро аз сидқи дил қаҳрамонона иҷро менамоянд, як қатор асарҳо, ҳайкалҳо офарида шудаанд.

Бачаҳо, дар дарси имрӯзаамон дар мавзӯи «Ман ҳам аскар мешавам» бахшида ба ватанпарварии ҳарбӣ расм мекашем. Асарҳои санъати тасвирии аз тарафи рассомон оид ба мавзӯи ҳарбию ватанпарварӣ эҷодшударо таҳлил мекунем.

Фарзандони марду ҷасури ӯзбек дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо ҳаракати ҷасуронаву мардонагӣ қаҳрамониҳо нишон дода, бо як қатор ордену медалҳо тақдир шудаанд.

Абдулаҳад Абдуллоев дар асараш фарзанди ӯзбек, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ботир Бобоевро, ки соли 1945 дар Рейхстаг байрақро задааст, тасвир намудааст.





Абдулаҳад Абдуллоев.
Портрети Ботир Бобоев








Кор болои композитсияи мустақил оид ба мавзӯи мазкур

## Кори марҳиланоки композитсия







**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Дар расмҳо ҳарбиёни кадом тоифа тасвир ёфтаанд?
2. Ба лашкарҳои пиёда кадомашон мансубанд?
3. Сарҳадбонон бо чӣ машғул мешаванд ва намудашон чӣ хел?
4. Оиди рангҳои либоси онҳо чӣ гуфта метавонед?
5. Тасвири аскари ҳарбӣ чӣ гуна иҷро мешавад?

**Супориши хонагӣ.** Ба донишомӯзон кашидани аскари қисми ҳарбии худашон дӯстмедоштда супурда мешавад.

## *Дарси 18-ум.* ОФАРИДАНИ КОМПОЗИТСИЯ ДАР МАВЗӮИ «БИНОКОРӢ»

Ӯзбекистон ёдгориҳои бойи қадими таърихию меъморӣ дорад. Мақбараи Исмоили Сомонӣ асари ноёби мактаби меъморию бинокории ҷаҳон ба шумор меравад. Номи ин ёдгории меъмории беназирро меъморон ва бинокорон бо ифтихор ба забон мегиранд. Мақбараи Исмоили Сомонӣ нишон медиҳад, ки дар асри IX дар Бухоро санъати меъморӣ, техникаи бинокорӣ чӣ қадар боло рафта будааст. Аз ҳамон давр сар карда дар бинокорӣ аз хишти пухтаи хушсифат ва омехтаи алебастр истифода мебурданд.



Мақбараи Исмоили Сомонӣ



Манораи калон. Бухоро

Мафҳуми бинокорӣ касби сохтмончӣ, сохтмон, масолеҳи сохтмонро ифода менамояд. Вақте сохтмон мегӯем, дар асоси лоиҳа ва нақшаҳои меъмор ғояи дар материалҳо таҷассумшуда, аз тарафи сохтмончӣ-бунёдкор иҷро шудани онро мефаҳмем. Хусусиятҳои конструктивии иншоот, ки дар худ ғояҳои ноёбро муҷассам кардааст, гуногунии шакл, зебоиаш албатта ба сохти композитсия, ба узван алоқамандии ҷиҳатҳои дохилию беруниаш, ба моҳирона истифода шудани зинати меъморию рангҳо вобаста аст.

Дар вилоятҳои гуногуни Ӯзбекистон осори харобаҳои шаҳри қадима бисёр. Бино ба далолати бозёфтҳои археологӣ (бостоншиносӣ) умри баъзе аз ин шаҳрҳо на кам аз 2700 аст. Ба онҳо Афросиёб (Самарқанд), Қизилтепа (воҳаи Сурхон), Узунқир, Еркӯрғон (воҳаи Қашқадарё) ва дигарон мансубанд. Таърихи ин шаҳрҳои қадима дар ҳудуди Самарқанди ҳозира (Афросиёб, Мароканд), Китоб-Шаҳрисабз (Узунқир) ё Қарши (Еркӯрғон) давом ёфтанд. Яъне алоқамандии наздики шаҳрҳои замонавии Ӯзбекистон ва таърихи шаҳрҳои хеле қадимӣ дар пеши назар меояд. Бо деворҳои мудофиавӣ иҳота шудани шаҳрҳои қадимтарин нишонаҳои хоси умумӣ онҳо мебошанд.

Дар замони ҳозира низ соҳаи бинокорӣ ба зинаи нав қадам гузоштааст. Дар баробари биноҳои замонавӣ обидаҳои дорои услуби меъмории шарқона қад рост мекунанд. На фақат дар вилоятҳо, балки дар ноҳияҳо барпо шудани биноҳои бисёрошёна ва осмонбӯс воқеаи таърихӣ аст. Биноҳои осмонбӯси «Ташкент Сити» («Шаҳраки Тошканд») дар Тошканд, «Ӯзбегим» дар шаҳри Андиҷон аз ҷумлаи онҳоянд.

Ҳангоми таҳияи композитсияи оид ба мавзӯи бинокорӣ дар иншоотҳои замонавӣ аз усули шарқона истифода







мебаранд. Пеш аз оғоз чун одат дар рӯйи коғаз хатти уфуқ гузаронида,  осмон ва сарҳади биноҳо ҷойгирифта ҷудо карда гирифта мешавад. Пас аз он намуди умумии бино ба сатҳи коғаз дар асоси қонунҳои композитсия ҷойгир карда мешавад. Дар он намуди пеш, ашёҳои дар ақиббуда дар асоси қоидаи перспектива тасвир мегардад. Ба намуди берунии бино ё иншоот, ба тиреза, ранги деворҳо, шаклу ороишашон эътибор дода мешавад.

Ҳангоми кашидани расм ҳамоҳангии шакли шарқонаи бинои меъморӣ бо муҳити атроф, нисбати ҷуссаи одамон ба бузургии биноҳо ба инобат гирифта тасвир меёбад. Ба муносибатҳои рӯшанию сояи расм, қоидаҳои перспектива агар риоя карда шавад, расм боз ҳам боваринок, пурмазмун мебарояд. Баъди таҳияи композитсия дар қаламтасвир ба он ранг дода, анҷом медиҳед.



Лоиҳаи Маркази тамаддуни исломӣ



**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Техникаи бинокорӣ дар Ӯзбекистон кай ва асосан дар кадом шаҳр равнақ ёфта буданд?
2. Калимаи «бинокорӣ» чиро мефаҳмонад, эзоҳ диҳед.



**Супориши хонагӣ.** Дар дафтаратон номҳои шаҳрҳои қадимии таърихӣ, меъморон ва бинокорони машҳур ва номи ёдгориҳоро нависед.

## *Дарси 19.* КОР БОЛОИ ЭСКИЗИ ТАСВИРИ ШАҲРИ ШАРҚОНА

Мадрасаи Улуғбек дар Самарқанд, Масҷиди Калон дар Бухоро, бурҷи Ичан қалъа дар Хива, мадрасаи Кӯкалдош, мадрасаи Ҳасти Имом дар Тошканд иншоотҳое ба шумор меравaнд, ки бо услуби шарқона бунёд гаштаанд. Байни биноҳои замонавии ҳоло дар шаҳрҳоямон барпошаванда ва иншоотҳои шарқона фарқи калон мавҷуд аст.

Пеш аз кашидани шаҳри шарқона намуди биноҳои алоҳида тасвир карда, ягон хел композитсия таҳия ме-



Музейи давлатии таърихи Темуриён. Тошканд



Александр Перов. «Устои халқӣ Ота Полвонов»

гардад. Ҳангоми кашидани композитсияи шаҳр дар тасаввури озод ҷойгиркунии умумии тасаввурот бо хатҳо рӯйи коғаз оварда мешаванд.

Пас аз бо қалам кашидани эскизи (тарҳи) композитсияи шаҳр доғ ва тобиши рангҳои асосӣ бо рангҳои ширгарм ё хунук тасвир карда мешавад. Қисмҳои хурдаш аниқ шуда, бо ранг таҳия мешавад. Пас аз он ҷамъбаст мегардад.







Марҳилаҳои кор болои намуди шаҳри шарқона

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Мадрасаи Улуғбек, ки иншооти шарқона ба ҳисоб меравад, дар куҷо ҷой гирифтааст?
2. Эскизҳо чӣ гуна иҷро карда мешаванд?
3. Ҳангоми таҳияи эскизи шаҳри шарқона ба чиҳо бояд эътибор дод?
4. Обидаҳои замонавии бо усули шарқона биношударо номбар кунед.

**Супориши хонагӣ.** Кашидани кори эҷодӣ оид ба композитсияи шаҳри шарқона.

## *Дарсҳои 20-21-ум.* ТАҲИЯИ КОМПОЗИТСИЯИ НАҚШ

Дар санъати наққошӣ ба ашёҳо бо нақшҳои гуногун зеб ва оро медиҳанд, онҳо ба се намуд: ба **нақшҳои ислимӣ, гиреҳ ва мураккаб** тақсим мешаванд.

**Нақши ислимӣ.** Намуди нақше, ки дар шакли растанӣ аз тақсимҳои такроршаванда иборат аст. Асоси нақшро таноб, банд, барг, буттаҳо ташкил медиҳанд.

Нақшҳои ислимӣ намудҳои зиёд доранд, ба якдигар паси ҳам пайваст шуда, мисли тортанак, аз такроршавии нақшҳои растанимонанд ҳосил мешаванд ва шакли онҳо гули ислимӣ, занҷираи ислимӣ, мадохили ислимӣ ном доранд.

Аз нақшҳои ислимӣ васеъ истифода мебаранд. Онҳоро дар эҷоди устоёни халқӣ М. Тӯраев, Ҷ. Ҳакимов, Т. Тӯхтахӯҷаев, О. Файзуллаев, Н.Иброҳимов, М.Усмонов ва дигарон дидан мумкин (расми 1).



Намунаи нақши ислимӣ Намунаи нақши гиреҳ Шукуфа

***Расми 1.*** Намунаҳои нақши ислимӣ ва нақши гиреҳӣ



Мадохил

**Нақши гиреҳ.** Шаклҳои ростхатаи геометрӣ: нақшҳое, ки аз шаклҳои монанди секунҷа, чоркунҷа, панҷкунҷа, шашкунҷа, ҳашткунҷа ташкил ёфтаанд. Ин нақшҳо дар ганҷкорӣ, кандакории чӯб бештар истифода мешаванд (расми 1).

**Мадохил** – унсури нақши ислимӣ. Мадохил мисли шаклҳои лола, тӯмор, секунҷа вомехӯранд.

**Шукуфа** – унсури нақши ислимӣ. Мухтасар шукуфа мегӯянд. Он дар шакли муғча-каҷак, ки элементҳои шакли асосиро ташкил медиҳанд, ба якдигар алоқаманданд.





Нақши ислимӣ　　　　　　Нақши ислими меҳроб

***Расми 2.*** Намунаи нақши мураккаб

**Нақши мураккаб.** Нақше, ки дар омехтаи нақшҳои ислимӣ ва гиреҳ ба вуҷуд омадааст, нақши мураккаб ном гирифтааст (расми 2).

Ин нақшҳо барои ороишу зеб додан дар кандакории чӯбӣ ба дарвоза, дар, сутун, паннои девории ганҷкорӣ, қолин, сӯзана, палак, қуттича ва сандуқҳо истифода мешаванд. Ин нақшҳои ашёҳо аз ҷиҳати унсурҳои нақш, сохташон ва ҷойгиршавӣ, тарзи истифодаашон аз якдигар фарқ мекунанд (расми 2).

Дар дарси имрӯза композитсияи нақшро мекашем (расми 3).

*Ҳосилкунии нақши баргноки ислимӣ.*

*Марҳилаи аввал*: ба чор гӯшаи коғаз ҳошия кашед ва аз маркази коғаз хатҳои ёрирасони хобида ва рост гузаронед.

*Марҳилаи дуюм:* доираи андозаи нақши баргноки ислимиро ҳосилкунандаро дар байни коғаз, ба росту чап нимдоираро фарореед.

*Марҳилаи сеюм*: дар тасвири доира фаромада шакли нақши гулро ҳосил кунед ва ҳамин нақши гули ҳосилшударо дар дохили нимдоираи тарафи рост ва чап кашида бароед. Шакли барги гулҳоро бо якдигарашон пайвасткунандаро тасвир кунед.

*Марҳилаи чорум:* хатҳои зиёдатии нақши баргноки ислимиро кӯр карда, ба нақш ранг интихоб кунед.



***Расми 3.*** Марҳилаҳои кашидани композитсияи нақш

*Огоҳӣ*: барои иҷрои ин нақшҳо дафтари катак ё дафтари расм, қалами сиёҳ, ҷадвал ва хаткушак зарур мешавад.

Ба ченакҳои нақш аҳамият дода, қаламро сабук дошта, зер накарда оҳиста кашед.

Барои нақши баргноки исломӣ шаблонро бо ёрии паргор (сиркул) ва ҷадвал кашида, таҳия мешавад. Шаблонандоза ба ним қисми нақши баргноки исломӣ мақсад карда тайёр мегардад. Ҳангоми ду маротиба ҷойгиршавии андоза ҳосилшавии композитсияи нақли яклухти баргноки исломӣ дар назар дошта мешавад.



Композитсияи дар намуна будаи нақш ба симметрия асос ёфтааст, яъне ду қисми композитсия дар тарзи симметрӣ такрор мешавад. Пеш аз оғози кашидани нақш аввал нақшҳои дар намунабударо бодиққат мушоҳида кунед.

Баъд бо навбаташ дигар элементҳои нақш ранг дода мешавад. Дар ниҳояти кор бо пардоздиҳӣ ҷамъбаст мекунем.

Тоза нигоҳ доштани дафтарро аз ёд набароред.



**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Намудҳои санъати ороиши амалиро номбар кунед.
2. Кадом намудҳои нақшро медонед?
3. Кадом ашёҳои бо композитсияи нақш оро додашударо медонед?



**Супориши хонагӣ.** Композитсияи таҳияшудаи нақшро бо ранг хотима диҳед.

Калимаҳоеро, ки дар матн алоҳида ишора шудаанд, дар дафтаратон навишта монед.

## *Дарсҳои 22-23-юм.* БА АШЁ ДОДАНИ ОРОИШИ НАҚШИН

Халқи ӯзбек дар ҳаёти ҳаррӯзааш аз намунаҳои санъати амалии ороиш хеле зиёд истифода мебарад. Масалан, ба шакли ашёҳои содда (пардаовезак, чорчӯбаи сурат, қуттичаҳо) ва мураккаб (миз, курсӣ, панно) додани ороиши нақшин ба мақсад мувофиқ аст. Ҳар як ашёи бо нақш ороёфта, масалан, қуттичаро гирем, нақшҳои боло ва тарафҳои паҳлӯӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд.

Бачаҳои азиз, ягонагии шакл ва мазмуни ашёҳоро, алоқаи байниҳамдигарии онҳоро донистанамон зарур аст. Аз ин ҷиҳат намунаҳои кори устоёни халқӣ ва исти-

фода нақш дар ашёҳо аз тарафи онҳо аҳамияти алоҳида дорад.

Кори нақши муносиб ба шакл, сохт ва вазифаи ашёҳо (предметҳо) ботартиб ва пайдарҳам амалӣ мешавад. Донишомӯзон бо назм ва пайдарҳамӣ ва ҳамвор гузаштани хатҳоро дар тасвиркунии гули бодом, ислимии доира, ислимии баргнок, ислимӣи меҳроб, ислимии бофтадор, ислимии шкифтнок, гиреҳ ва монанди инҳо чӣ гуна иҷро намуданро бояд донанд.







Донишомӯзони азиз, хусусиятҳои хоси нақшҳои шаклашон чоркунҷаи ростро дар сурати ашёҳои санъати амалӣ, дар репродуксияҳо дида, якҷоя таҳлил мекунем. Дар ин ашёҳои санъати амалӣ эътибори асосиро ба композитсияи онҳо, рангҳо, алоқамандии байниҳамдигарии унсурҳои нақш, фони нақш ва ҳамоҳангии ороишҳо менигаронем. Композитсияи рангҳои дорои шакли чоркунҷаи рост ба композитсияи нақшҳои шаклашон мураббаъ

(квадрат) хеле наздик аст. Бачаҳои азиз, ба ёд оред, ин гуна нақшҳоро дар синфи чорум борҳо кашида будед. Шумо ҳам мисли устоён ин нақшҳоро кашиданатон мумкин. Пеш аз оғози кашидани нақш композитсияи нақшро барои оро додани қуттича менигаронем.

Бачаҳо, унсурҳои ин нақшро кашида, машқ карданатон мумкин. Ҳамчун намуна паҳнои унсурҳои нақши қуттича оварда шудааст. Яке аз ин нақшҳои ин ду паҳно гиреҳ, дигараш бо усули ислимӣ иҷро шудааст (расмҳои а, б).



Расми а. Ислимии бофта



Расми б. Гиреҳ



Дар марҳилаи якуми фаъолияти тасвирӣ барои кӯчонида гирифтан ягонто нақшаи композитсияи нақш аз унсурҳои нақш дилхоҳатонро гиред ва онҳоро болои эскизи (тарҳи) кашидашуда тасвир карда, композитсияҳои нав ҳосил кунед. Баъд речаи композитсияро кашед ва дар ҷараёни кашидан мутаносибии шакли он ва рангҳои дар замин паҳншаванда, унсурҳо (элементҳо)-ро ба ҳисоб гиред.

Барои ин аввал нусхаи сиёҳнависи композитсияи нақш кашида мешавад. Баъд дар асоси ин сиёҳнавис ба ҳар як порчаи он кор карда, нусхаи он ба ҷойҳои даркорӣ кӯчонида, ниҳоят композитсияи яклухти нақш ҳосил мегардад. Баъд аз он ба рангубори композитсия пардохтан лозим. Нақш пай дар ҳам ранг дода ба охир расонида мешавад. Ҳангоми рангдиҳӣ ба қоидаҳое,ки барои офаридани нақши чоркунҷа тавсия шуда буд, риоя кунед.

Бачаҳои азиз, рангҳои нақшҳоро худатон мустақил интихоб мекунед. Дар нақшҳо рангҳои сафед, кабуд, сурх, зард, ҳаворанг, ҷигарранги кушод бештар аз ҳама истифода мешавад. Ҳангоми интихоби ранг ба маҳдуд кардани миқдори он эътибор дод. Вагарна ҳамоҳангии маром ва рангҳои нақш вайрон мешавад.

Ин вазифа аз рӯйи мазмунаш бинобар он, ки эҷодист, онро дар хона ё дар дарси оянда давом доданатон мумкин. Агар дар дарси якум нақшҳо дар қалам иҷро гарданд, дар дарси дуюм ранг дода мешаванд.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Фарқи нақшҳои шаклашон квадрат (мураббаъ), доира, чоркунҷа аз чӣ иборат аст?
2. Нақшҳои шаклашон чоркунҷаи рост дар кунҷҳо вомехӯранд?

**Супориши хонагӣ.** Кори синфиро давом диҳед ва ба охир расонед.

## *Дарси 24-ум.* КОРИ НАЗОРАТИИ 3-ЮМ. ТАҲИЯИ РӮЗНОМАИ (ГАЗЕТАИ) ДЕВОРӢ БАРОИ ҶАШН

Намудҳои рӯзномаҳои деворӣ зиёданд. Онҳо ҳаҷвӣ, юмористӣ ё рӯзномаи махсуси ба ягон ҷашн бахшидашуда буда метавонанд. Дар мактаби рӯзномаи деворӣ ҷойи муҳим дорад. Рӯзномаҳо дар мактаб ба муносибати идҳо низ таҳия мешаванд. Мавзӯи рӯзномаи имрӯзаамон ба 8-уми март–Рӯзи байналмилалии занону духтарон бахшида мешавад. Имрӯз ҳар як донишомӯз модар, модаркалон, хоҳарон, омӯзгорони худро бо ид табрик менамояд. Номи рӯзнома ба дар тарафи болоии коғази форматӣ, дар қисми барои сарлавҳаи рӯзнома ҷудошуда бо ҳарфҳои калон навишта мешавад.



Ҳангоми навиштани номи рӯзнома аз ҳарфҳои чопӣ, навишт, курсив ва ҳар гуна ҳарфҳои ороишӣ истифода бурдан мумкин. Дар ин маврид расмҳои ҷозибаноки оиди мавзӯъ нақши муҳим дорад. Агар рӯзномаи расмдор ба мавзӯъ мувофиқ бошад, донишомӯзонро ба худ ҷалб мекунад.

Дар ороиши рӯзномаи деворӣ ба сарлавҳаи қисмҳо, мақолаҳо, нақшҳои охирин ва карикатураҳои гуногун эътибор бояд дод. Масалан, рӯзномаи девории оид ба ҷашни 8-уми мартро тасаввур намоед. Ҳангоми ороиш албатта дар тарафи чап занон, гулҳои баҳорӣ тасвир карда, сарлавҳа бо ҳарфҳои калон навишта мешавад. Тарафи рост ба сутунчаҳо ҷудо карда, ин ҷо табрикот, мақола, расм-карикатураҳо ҷой мегиранд.



**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Иди 8-уми март чӣ гуна ид аст?
2. Ҳангоми таҳияи рӯзномаи деворӣ ба чиҳо эътибор бояд дод?
3. Ҳангоми таҳияи рӯзномаи деворӣ аз кадом рангҳо истифода бояд бурд?
4. Рӯзномаи деворӣ ба кадом қисмҳо ҷудо мешаванд?



**Супориши хонагӣ.** Барои рӯзномаи девории иди 8-уми март табрикнома, шеърҳо оид ба ид тайёр кардан ва расми гулҳои ҷашниро кашида омадан.

## *Дарсҳои 25-26-ум.* ГРАФИКАИ ОРОИШИ БАДЕӢ

Барои гузаронидани шабнишиниҳо, ташкили вохӯриҳо, кушодани намоишгоҳҳо, муҳокимаи онҳо тайёркунии таклифнома (даъватнома), рамзҳо нақши муҳим доранд. Таклифнома дар нусхаи зиёд навишта мешавад. Вай бояд содда ва равон бояд бошад. Аввал эскизи (расми

сиёҳнависи) таклифнома тайёр ва дар ҷамоа муҳокима карда мешавад. Пас аз он аз картон баробари ченаки эскиз шакл тайёр мешавад. Баъд ин шакл ба коғази сафед гузошта, ба миқдори зарурӣ коғаз бурида мешавад.















Герби давлатии Республикаи Ӯзбекистон



Байрақи давлатии Республикаи Ӯзбекистон

Ба нисбати 1:2 будани ченаки таклифнома ба мақсад мувофиқ аст. Ба тарафи берунии коғази қатшуда калимаи «Таклифнома»-ро менависем. Ин калима бо ҳарфҳои плакатӣ, ҳуснихат, трафарет навишта мешавад.

Ғайр аз навиштаҷот расмҳоеро, ки аз мазмуни тавсирҳо ё воқеа дарак медиҳанд, кашидан мумкин.

Дар даруни таклифнома ном, насаби шахси таклифшаванда, номи тадбири баргузоршаванда, дар куҷо ва кай ва аз тарафи кӣ ташкил карда шудани ин тадбир қайд мешавад.

Ҳар кадом давлат рамзҳои худро дорад. Рамзҳои муқаддаси он: герб, байрақ, гимн (суруди миллӣ, мадҳия) мебошанд. Герби давлатии Республикаи Ӯзбекистонро рассоми машҳури график Анвар Мамаҷонов офаридааст ва он 2-юми июли соли 1992 тасдиқ шудааст.

Сохти герби республикаамон доирашакл (лӯнда) аст. Дар тарафи чапи он кӯсаки шукуфони пахта, дар тарафи рост хӯшаҳои гандум, ки бо байрақи Ӯзбекистон печида шудааст, тасвир ёфтаанд. Семурғ (Ҳумо), ки дар байни герб бо парҳои афшонда истодааст, орзуву умедҳои халқамонро дар роҳи сулҳ, аҳлию тифоқӣ, беҳбудӣ, бахту саодат ифода менамояд.



Соҳаи бо рамз машғулшавандаи санъати тасвирӣ мавҷуд аст. Онҳо рассомӣ, графика, санъати дизайнро дар худ муҷассам карда, аломатҳои рамзиро тасвир менамоянд.




Намунаи муқова

**Ҳарфҳои бадеӣ.** Пеш аз сар шудани матн ё бобҳои китоб онҳо бо ҳарфҳои гуногуни ороишӣ ва расмҳои оиди мавзӯъ тасвир меёбанд. Онҳоро **ороиши саршавӣ** (ороиши асосӣ) меноманд.

**Муқова** гуфта коғази ғафси саҳифаҳои китобро мебастагӣ ё қисми нафиси ороёфтаро меноманд.

Ҳарфи аввалини матн нисбат ба дигар ҳарфҳо каме калонтар навишта шуда, бо нақш, расм ва рангҳои гуногун зеб дода шуданаш мумкин. Он «инитсиал» ном до-

рад. «Initsial» калимаи лотинӣ буда, маънояш «ҳарфи аввалин, саршаванда» аст. Намуди инитсиалҳо гуногун аст. Он бо ранг ва шаклашон аз дигар ҳарфҳо фарқ мекунад. Бо расмҳо, нақшҳо, гулҳои содда оро дода мешавад.

Баъди хотима ёфтани матн зери он ороиши охирин дода мешавад. Он нисбат ба ороиши аввал ҷойгирифта нисбатан хурд мешавад. Ҳамчун ороиши хотимавӣ аз ҳар гуна нақшҳо, гулҳо, рамзҳо, расмҳои мавзӯъгии хурд, хатҳои оддӣ, расмҳои рамзӣ (символик) истифода мешаванд. Ороиши охирин ба матнҳо хотима бахшида, саҳифаро зеб медиҳад.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Графикаи ороиши бадеӣ чӣ маъно дорад?
2. Вазифаҳои таклифнома аз чӣ иборат аст?
3. Рамз чӣ маъно дорад ва чаро лозим аст?
4. Ҳарфи калон чӣ ном доранд?
5. Чаро муқова мегӯянд?

**Супориши хонагӣ.** Аломатҳои (рамзҳои) мактаб, маҳалла, маҳфилатонро таҳия намоед.

## *Дарси 27-ум.* ЖАНРИ ПОРТРЕТ ДАР САНЪАТИ ТАСВИРӢ

**Офаридани образи инсон санъати портрет номида мешавад**. Дар жанри портрет баъзе шахс ё гурӯҳи одамон ба тасвир гирифта мешаванд. Бо назардошти ҷиҳатҳои хоси тасвир портрет дастгоҳӣ (картина, бюст, асарҳои графикӣ) ва бодабдаба (нақш, кошин, ҳайкал), тантанавӣ ва дигар хел мешавад. Портрет бо услуби медал, миниатюра ҳам иҷро мешавад. Портрет ба намудҳои якка, дунафарӣ ва гурӯҳӣ ҷудо мешавад. Жанри ба худ хоси портрет автопортрет аст. Ҳангоми офаридан портрет аз сохти анатомии инсон сар карда, ҳамаи ҷиҳатҳо–ҳолати руҳии дохидӣ, маънавӣ , инчунин ҳамаи тарафҳои намуди зоҳирии он инъикос мегардад.

Портрет аз рӯйи кори тасвир хаттӣ ва рангӣ мешавад. Расми хаттӣ кушод, сабук ва умумигардонидашуда мешавад. Ба воситаи хатҳо образи бадеӣ  ҳосил мегардад, ҷадвалҳо, нақшаҳои шартнок, тасвирҳои тахтаи синф аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Ба воситаи сояи баъзе ашёҳо ва намуди берунӣ дар тасвиркунии намуди характернок намуди оддии тасвири тобишнок интихоб мешавад. Он силуэт ном дорад. яъне бо як хел тобиши ҳамвор пӯшида, ба воситаи хатти намуди берунӣ тасвир иҷро мегардад.

Рассом Баҳодур Ҷалолов шахсияти Комил Ёрматов ва Малик Қаюмовро бо маҳорати бағоят калон аз сидқи



Сергей Редкин.
«Портрети ҳайкалтарош Маҳмуд»



Абдулҳақ Абдуллаев.
«Автопортрет»

дил тасвир кардааст. Ӯ дар асарҳои худ симоҳои намоёни санъати кинои Ӯзбекистон бо иқтидори хосаш тасвир намуд.

Аз байни асарҳои эҷодкор портрети «Устои кинои ҳуҷҷатӣ Малик Қаюмов» низ ҳаст. Малик Қаюмов дар Ӯзбекистон дар таҳияи аввалин филмҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ иштирок кардааст. Ӯ дар бештар аз дусад филмҳои ҳуҷҷатӣ ва илмию оммавӣ таърих, маданият ва санъати халқи ӯзбекро дар дунё машҳур кард, ба кинои ҳуҷҷатии ӯзбек асос гузошт ва мактаб офарид. Филмҳои ҳуҷҷатии «Шаҳри чор дарвозадор», «Саёҳати саросари Ӯзбекистон», «Тошканд – шаҳри сулҳ», «Санъати Ӯзбекистон» ва ғайра.

Дар портрет М. Қаюмов дар диван бемалол такя намуда, пойҳояшро болои ҳам гузошта, ғарқи андеша



Баҳодир Ҷалолов. «Устои кинои ҳуҷҷатӣ Малик Қаюмов»

тасвир карда шудааст. Дар портрет характери инсони доно, бо табассуми сабук, каме ғамгин, шахсе, ки ба меҳнати мутассил одат кардааст, дода шудааст. Ҳамаи ҷиҳатҳои портрет мутаносиб аст. Ӯ костюми рангаш кабуд пӯшидагӣ, рӯяш бо тиллоии ширгарм муқобил гузошта шудааст. Мӯйи нуқрафомаш ба ақиб шона шудааст, аз ин сабаб пешонии васеъаш кушодааст, куртаи сиёҳранги кушод гарданашро пӯшидааст. Ҷойҳои қати костюм, курта, шими хокистарранг ва ҳамаи ҷойҳои хами тана аниқ ифода ёфтааст, онҳо шаклу шамоил, ҳаракати санъаткорро кушода додааст. Малиқ Қаюмов дар фони макон таҳия шуда, акварели осмонранги равшан бо ҷойҳои ранг додашуда омехта гаштаанд.

Портрети кинорежиссёр Шӯҳрат Аббосовро рассом Раҳим Аҳмедов кашидааст. Портрет дар рамкаи (чорчӯби) чоркунҷа ба баландиаш кашида шуда, кинорежиссёр болои креслои васеи сурх  озод такя карда ни-

шастааст. Дар портрет -- фони равшан гарм, дар ранги нимсабз. Дар он қомати режиссёр ва сари аз паҳлӯ кашидааш дар пеши назар пайдо мешавад. Чашмони ӯ ба ҳамсӯҳбат андешамандона ва қатъӣ дӯхта шудааст. Аз панҷаи дасташ ангушти шаҳодат ба пеш дароз шудааст. Дар ҷойҳои қатшуда ранги сабзи баҳорӣ нур афшонда, пардаи атласии мураккаб ба куртаи сабуки сафед ва ба такяҳои креслои сурх рӯ ба рӯ гузошта шудааст. Нимча ва шими санъаткор, ранги маҳини онҳо бо хокистари устухони сӯзонда ва оҳари тиллоранг ҳосил шудаанд. Онҳо дар болои кресло мисли доғи яклухт барин менамоянд ва ҳаракати қомати нозукро нишон медиҳанд.



Раҳим Аҳмедов. «Кинорежиссёр Шӯҳрат Аббосов»

Кинорежиссёр Шӯҳрат Аббосов «Дар маҳалла ҳама гап мезананд», «Ту ятим нестӣ», «Тошканд–шаҳри нон», «Абурайҳон Берунӣ», «Бачаи шӯх», «Дашти мерос аз падарам» барин даҳҳо филмҳоро ба навор гирифтааст.



Икром Баҳромов.
«Портрети модар»



Абдулҳақ Абдуллаев.
«Чингиз Аҳмаров»

Офаридани образи инсон дар санъати тасвирӣ ҷараёни аз ҳама мураккаб аст. Жанри портрети санъати тасвирӣ қиёфаи маънавии инсонро дар худ ифода мекунад.

Ба зумраи рассомони бузурге, ки бо портрет образи инсонро моҳирона нишон додаанд, Камолиддин Беҳзод, Леонардо да Винчи, Рембрандт, инчунин аз рассомони ӯзбек Абдулҳақ Абдуллоев, Раҳим Аҳмедов, Чингиз Аҳмаров, Малик Набиев барин дигар рассомонро тааллуқ донистан мумкин.

Тасвири сари инсон ба принсипи (усулияти) гузаштан аз умумият ба хусусият, аз хусусият ба умумият асос меёбад. Бо таъбири дигар ба воситаи таҳлили қисмҳои натура ба қоидаи ифода кардани шакли умумии образ риоя бояд кард.



Донишомӯзон барои он, ки тасвири образро осон аз бар кунанд, мазмунашро нағз дарк намоянд, ин ҷараён ба марҳилаҳои алоҳида тақсим карда мешавад.

Дар ин маврид бо қалам як вақти муайян таҳлил бурда, баъд шаклро тасвир кардан, болои коғаз тез-тез қалам давондан ва аломатҳо бояд кашид. Асосиаш сахт зер кардан лозим нест. Зеро хатҳои сиёҳ диданро мушкил менамоянд. Ислоҳи ин хатоҳо боз ҳам мушкилтар аст.

Машқҳои барои инкишофи хотираи диданро дар хона низ давом додан мумкин.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Дар суратҳо киҳо ва кадом воқеаҳо тасвир шудаанд?
2. Муаллифи портрети «Кинорежиссёр Шӯҳрат Аббосов» кист?
3. Дар суратҳо кадом ранг бештар: ширгарм ё хунук?
4. Рассомон ба воситаи сурат кадом ғояро талқин кардаанд?
5. Ба либоси инсонҳои дар сурат ифодашуда назар карда, онҳо ба кадом давр мансуб буданашонро оё донистан мумкин?

**Супориши хонагӣ.** Асарҳои рассомони машҳурро ёфта, таҳлил кунед.

## *Дарси 28-ум.* ТАҲИЯИ ПОРТРЕТ ДАР МАВЗӮИ «ШАХСОНИ ТАЪРИХӢ»

***Марҳилаи якуми*** кашидани портрет бо усули графикӣ аҳамияти калон дорад. Пурмазмун баромадани портрет ба дуруст иҷро шудани ин марҳила вобаста аст. Зеро ин марҳила асоси расм ба ҳисоб меравад. Ба қонуниятҳои марҳилаи иҷро такя намуда, шакли умумии марҳила дар рӯйи коғаз кашида мешавад. Инҷо ба тарафи пеш ва пасти сар  нисбат ба дигар тарафҳояш бештар ҷой мегузоранд. Аз он бо ёрии хат самти гардиши сарро муайян карда, хатти рости миёна кашида мешавад. Ин хат пушти сар, байни қош, нӯги бинӣ ва аз нуқтаҳои такягии манаҳ хатти ба доира монандро ҳосил мекунад. Аз нуқтаҳои такя ба тирҳои чашм хатҳои ёрирасони ёрдамчӣ кашида, нисбатҳои асосии сар ишора карда мешавад. Барои муқоиса ба ченаки нисбат дарозии бинӣ гирифта мешавад. Дар ин ҷо тирҳои чашм тири горизонталии (амидии) сар ҳам ба ҳисоб меравaнд. Аз дарозии ин хат нуқтаҳои



Нисбатҳои портрет



Марҳилаҳои тасвиркунии намуди пеши портрет

канории чашмҳо, шакли берунаи сӯрохии шунавоии гӯш ишора мегардад.

***Дар марҳилаи дуюм*** сохти шакли умумии мушакҳои асосии сар қайд карда мешавад. Дар марҳилаи аввал агар ҷойи бинӣ ишора шуда бошад, акнун намуди хаттии умумии он тасвир мегардад. Шакли умумии он мисли призма аз чор ҳамворӣ иборат аст. Бари бинӣ ба дарозии чашм баробар ва мисли он нуқтаи канории чашм бо ченаки байни хатти ҳошияи канории сар баробар буданаш мумкин. Ҳамин тавр, бари бинӣ ченаки кӯндалангии сарро ченкунанда ба ҳисоб меравад. Кӯндалангии сар баробари ҳафт бари бинӣ аст (бо ба ҳисобгирии супраи ду гӯш). Бо ин ченак дарозии рости сарро ҳам қайд кардан мумкин. Лекин аксаран дарозии (қади) бо дарозии бинӣ чен карда шудааст. Агар бо ҳамин ченак ҳисоб кунем, дарозии сар баробари сеюним бирнӣ мешавад. Ин муқоиса чунин аст: мобайнии аз нуқтаи канории поёнии манаҳ то нӯги бинӣ, аз он то хатти абрӯ ва аз абрӯ (қош) то ҷои дамидаи пешонӣ ба нисфи ҳамин ченак баробар аст. Дар

ҷараёни тасвиркунии бинӣ дар ду тарафи он шакли умумии косаи чашмро кашида, дохилаш ғӯзаи чашм кӯрашакл қайд карда мешавад. Аз он масофаи байни пилки болоӣ ва поёнӣ аз байни чашм чӣ қадар аст, аниқ мегардад. Ҳангоми тасвиркунии чашм ҳар дуи онро дар як вақт (параллел) кашидан лозим, зеро онҳо дар ду тарафи сар (рӯй) дар ҳамвории симметрӣ ҷойгиранд. Ҳангоми кашидани гӯш ҳам ба ин қоида риоя бояд кард. Бояд як чизро хотирнишон кард. Дар аснои кашидани бинӣ сохти гӯшро низ қайд бояд кард, чунки дарозии онҳо як хел ва дар як қатор ҷойгиранд.



Марҳилаҳои тасвиркунии портрет дар профил

Аз сабаби он, ки сари тасвиршаванда на аз пеш, балки аз паҳлӯ аст, чашм ё гӯши кашидашаванда наздиктар ҷой мегиранд. Қонунияти перспективаро набояд фаромӯш кард.

Умуман дар аснои кашидан мушакҳои сар нисбатҳои онҳоро санҷида, соя-рӯшноӣ қайд карда, дода рафтани штрихҳо ба мақсад мувофиқ аст.

***Марҳилаи сеюм*** – ҷараёни тасвиркунии мӯй. Ҳангоми кашидани мӯй қисми рӯшноии он ба сояи рӯйи одам нисбатан сиёҳи ғафс мешавад. Штрихҳоро ба самти мӯй нигоҳ карда давонидан лозим, ин табиии онро нишон медиҳад. Дар ин марҳила ба кашидани чашм низ эътибор бояд дод. Чашм «оинаи» рӯйи одам аст. Ба воситаи чашм олами дохилӣ ва хусусиятҳои синну соли одамро ифода кардан мумкин. Аз ин рӯ монандии тасвиру намуди табиии одам ба тасвири моҳиронаи чашм ва гавҳараки чашм вобаста аст.

Тасвиркунии болоии се марҳила аз умумият ба хусусият сурат гирифта бошад, акнун баръакс, аз хусусият ба умумият гузашта тасвир карда мешавад, яъне намуди сар умумӣ карда, анҷом дода мешавад.

Портретро дар рассомӣ кашидан низ аҳамияти калон дорад. Мисли иҷрои усули графика дар рассомӣ низ тасвирҳои марҳилавӣ таҳия кардан мумкин. Дар аснои кор бо ранг дар он рангҳои гуногунро истифода бурдан зарур нест. Барои тасвири портрет бо ранг рангҳои асосиро ёфта, аз он дуруст истифода бурдан лозим.

Вақте шахсони таърихӣ мегӯем, аҷдодони бузургамон мисли Спитамен, Томирис, Муқаннаъ, Амир Темур, Ал-Хоразмиро эътироф мекунем. Оид ба онҳо асарҳои зиёди таърихӣ, бадеӣ, илмӣ навишта шудаанд. Зиёда аз ин Соҳибқирон амир Темурро ҳамчун шоҳи ҷасур ва адолатпарвар медонем.

Устои санъати портрети ӯзбек Малик Набиев оид ба шахсони таърихӣ чандин портрет офаридааст. Аз байни онҳо «Шӯриши Спитамен», «Абурайҳон Берунӣ», «Мирзо Бобур», «Ал-Хоразмӣ», «Фитрат», «Усмон Носир», «Амир Темур» асарҳои хеле ҷолибанд.

Рассоми халқии Ӯзбекистон, академик Малик Набиев соҳиби мӯйқаламест, ки образи симоҳои бузургро ба тарзи ба худ хос талқин кардааст. Портрети «Амир Темур»-и ӯ далели фикрамон аст. Ҳолати ӯро андешамандона дар тахт нишаста, дасташро ба банди шамшер гузошта нишастанаш моҳирона инъикос ёфтааст. Зиракона мушоҳида кардани сулҳи кишвар, беҳбудии халқ дар портрет боварибахш тасвир ёфтааст. Тоҷи шоҳона дар сараш ба қоматаш хеле муносиб омадааст. Серталабӣ, ҷасурӣ ва чолокӣ, хеле заковатмандиаш дар қиёфааш ифода ёфтааст.

Композитсияи портрети «Абурайҳон Берунӣ» содда ва ифоданок баромадааст. Пойафзоли ӯ бо нақшҳои ҳаккокӣ, нақшҳои растанӣ оро ёфтаанд. Ӯ назди хонтахта нишаста, ба тамошобин назар медӯзад. Болои хонтахта дастнависҳои бо дасти чап доштааш истодаанд.



Малик Набиев.
Портрети «Амир Темур»



Малик Набиев.
«Абурайҳон Берунӣ



Малик Набиев «Мирзо Бобур

Дар китфони ӯ ҷомаи дарборбоби шоҳии ороишёфта аст. Он дар ранги мураккаб, тағйирёбандаи бунафшаи пуштӣ аст. Берунӣ як лаҳза аз дастнависҳо сар бардоштааст ва дар чашмонаш таваҷҷӯҳ ва тарангӣ таҷассум аст. Ин ҳолат ҳаракати бузурги фикр, ақл, қувваи ботиниро эҳсос менамояд ва рассом ин хислатҳоро дар асар пурра дода тавонистааст.

Дар образи «Мирзо Бобур» Малик Набиев характери шоир ва шоҳро хеле нафис ифода намудааст. Рассом ин портретро ба ҳуҷҷати таърихии руҳи даври дорои қувваи бузурги ҳаётӣ табдил додааст. Дар тасвир ранги гарм ва рӯшан истифода шудааст.

Дар портрет Мирзо Бобур аз тарафи чап тасвир ёфтааст, нигоҳи вай ба дур дӯхта шудааст, ин ҳол диққати ӯ ба як нуқта ҷамъ шудагиашро нишон медиҳад. Подшоҳи дар яке аз хонаҳои дарбор нишаста диққаташ ба ҳалли муаммои калон нигаронида шудааст. Паси тирезаҳои пештоқаш нақшин шаҳри Деҳлӣ тасвир ёфтааст. Як дасташ зери тумшуқ, дигараш қалам дошта, болои болишт аст. Дар либоси шоҳона ороёфта дар ҳолатҳои гуногун оҳуҳо тасвир шудаанд. Он бо ороиши худ ба бинанда тасаввуроти бой медиҳад.


Неъмат Қӯзибоев. «Абуалӣ ибни Сино»

Портрети «Абуалӣ ибни Сино»-и мансуб ба қалами рассом Неъмат Қӯзибоев бо рангҳои нозуки нуқрафом қашида шудааст. Дар он Абуалӣ ибни Сино ба курсии баланди чӯбӣ ба ақиб такя карда нишастааст. Ба воситаи тирезаи панҷарадори намудаш мумкатак нури офтоб паҳн мешавад. Олим ба моеъгии дохили зарфи шишагин бодиққат назар мекунад. Дар теппаи кунҷи чапи асар ҷевони пур аз китоби чидашуда тасвир шудааст. Дар поёни кунҷи рости сурат курсии лӯндаи бо кандакории чӯбӣ ороёфтаи болояш анҷомҳои навиштан буда гузошта шудааст.



Неъмат Қӯзибоев. «Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмӣ»

Дар бараш либоси васеи нуқрафоми атласӣ, дар сараш кулоҳи баланди шоҳигии нақшин тасвир шудааст. Сурат дар рангҳои сафсар, кабуд ва тиллоӣ таҳия шудааст.

Рассом образи Ибни Синоро дар матои чоркунҷаи дароз инъикос намудааст.

Барои офаридани образи шахсони таърихӣ барои рассом на фақат маҳорати баланди касбӣ, балки нағз донистани таърих ва маданияти инсоният, психологи зирак будан, аз ҳама муҳимаш инсони дардкаш, ҳақиқатҷӯй ва заҳматдӯст буданро талаб мекунад.

Рассом Неъмат Мирзобоевич Қӯзибоев образи «Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмиро дар асараш акс кардааст. Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмӣ таълими ибтидоиро дар Мовароуннаҳр ва Хоразм аз олимони бузург гирифтааст.

Ал-Хоразмӣ яке аз олимони бузурги асри IX, математик, географ ва таърихшинос буд. Ӯ кашфиётчии алгоритмҳои математикӣ, ки асоси техникаи ҳозираи ком-

пютериро ташкил медиҳанд, будааст. Дар баъзе манбаъҳо Ал-Хоразмиро «Ал маъҷусӣ», яъне коҳин гуфтаанд. Аз ин мебарояд, ки ӯ аз авлоди коҳинҳои зардуштии исломро қабулкарда мебошад.

Рассом Неъмат Қӯзибоеви донандаи таърих ва маданияти халқи ӯзбек дар яке аз портретҳояш шоири маърифатпарвар Фурқатро инъикос кардааст. Шоир Фурқат (Зокирҷон Холмуҳаммедов, 1858–1909) яке аз асосгузорони реализм дар адабиёти ӯзбек аст, ки саросари Осиёи Марказӣ бисёр сафар кардааст.



Неъмат Қӯзибоев. «Фурқат»

Рассом шоири бузургро дар ҳолати дар санг нишаста тасвир кардааст, санг назди кӯли кабуд буда, болои оби софи кӯл кӯҳҳои баланди сафсар-сурхфоми туман зеркарда инъикос ёфтааст. Зери пойи шоир алафу гулҳои кӯҳсорон овезонанд. Болои кӯл рангинкамон тасвир шудааст, ранги асар хеле ҷозибанок аст. Болои ӯ ҷомаи ало партофта шудааст, ба туфайли камзӯли сиёҳ қомати шоир пурра менамояд, дар он рӯй ва дастони Фурқат аниқ намоён аст. Дар рӯйи шоир андеша зуҳур шуда, ба дуриҳо ғамгинона чашм медӯзад.

Дар портрет эҳсоси аз Ватан дур буданро дар қалби шоир Фурқат ҳис кардан мумкин. Устои санъати тасвирӣ Неъмат Қӯзибоев на танҳо рассоми аҷиб, балки пси-



Рӯзӣ Чориев.
«Мӯйсафеди Сайробӣ»

хологи хуб ҳам будааст. Дар образҳои портретҳояш рассом маълум аст, ки характери шахсонро нағз медонад.

Рассоми образҳои таърихиро офарида, рассоми халқии Ӯзбекистон Рӯзӣ Чориев муаллифи портретҳои кинорежиссёр Шавкат Абдусаломов ва «Мӯйсафеди сайробӣ» аст.

Устои санъати тасвирӣ Рӯзӣ Чориев соли 1931 дар деҳаи Пашхурти Сурхондарё таваллуд шудааст. Ба туфайли иқтидор ва меҳнатдӯстиаш ӯ дар Донишкадаи рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва меъмории Ленинград ба номи И.Е. Репин оид ба рассомӣ таълим гирифта, соҳиби маълумоти олӣ шуд.

Хусусан, портрети «Мӯйсафеди сайробӣ» бо рангинӣ, инъикоси психологии ҳаққонии ҳаёти маънавӣ фарқ менамояд. Портретда қиёфаи инсони солҳои вазнини Ҷанги дуюми ҷаҳониро аз сар гузаронида ва бо орден мукофотинидашуда акс ёфтааст.

Сайъи дар рӯй ифодаёфта, чашмони донои таранг кашидашуда ва қатъиятнок ба бинанда рӯйирост нигоҳ мекунад.

Асари навбатӣ портрети кинорежиссёр ва актёр Шавкат Абдусаломов аст, ки яке аз асарҳои ба диққат сазовори ондавраи рассом Рӯзӣ Чориев ба ҳисоб меравад. Кинорежиссёр ва актёр дар боғчаи назди коттеҷи рассом тасвир шудааст. Дар портрет ӯ бо қадаш дар назди

сабзаҳои баҳорӣ, дар китфаш костюми кабуди нуқрафоми сиёҳтоб партофта шудааст ва сараш каме хам карда, аз зери пилкҳояш нигоҳаш инъикос ёфтааст. Ӯ дар давраи дӯстон мафтункунанда, боақл, боиқтидор, хушмуомила ва дар айни вақт хоксор аст.



Рӯзӣ Чориев.
«Шавкат Абдусаломов»

Рӯзӣ Чориев дар портрети ҳамсинфаш ва дар айни вақт устоди кинои дар ҷаҳон машҳур, рассом, санъатшинос Шавкат Абдусаломовро бо қоматаш кашидаааш қиёфаи инсони ба қуллаи тафаккури олӣ расидаро бо маҳорати хеле баланд тасвир мекунад. Рассом қаҳрамони портретро дар чаманзор тасвир карда, ба шахси ба олами санъат дахлнок ва дорои дунёи бойи дохилӣ эътибори алоҳида додааст. Ҳар як бинандаи ба тасвир назардӯхта қаҳрамони асар ба ӯ дар мулоқот шудан тайёр буданашро ҳис менамояд ва табиист, ки ин ҳамсӯҳбат дар бораи чӣ сӯҳбат карданашро фикр мекунад. Экспрессив – ин асари бо усули шиддатнок, дар сеанси кӯтоҳмуддат таҳияшуда дар асри XX аз қатори портретҳои психологию рӯҳии Ӯзбекистон ҷой гирифтааст.



**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Портрет дар усули графика чӣ гуна кашида мешавад?
2. Барои кашидани портрет ба чиҳо бояд эътибор дод?
3. Дар коғаз чӣ гуна ҷойгир карда мешавад?
4. Дар портрет ченаки нисбатҳо чӣ гуна амалӣ мешавад?

5. Ҳангоми таҳияи портрет штрих чӣ гуна давонида мешавад?
6. Шумо кадом шахсони таърихиро медонед?
7. Аз қаҳрамонони асосии таърихӣ киҳоро медонед?
8. Асараи портрет аз дигар асарҳо чӣ гуна фарқ дорад?
9. Вақте эскизи сиёҳнавис (хом) мегӯем, чиро мефаҳмед?

**Супориши хонагӣ.** Таҳияи портрети шахси таърихӣ.

## *Мавзӯи 29-ум.* ТАҲИЯИ ПОРТРЕТ ДАР МАВЗӮИ «ҚАҲРАМОНИ АСАРИ АДАБӢ»

Ҳангоми таҳияи композитсияҳои оиди мавзӯъҳо дар ҷараёни иллюстратсияи асарҳо бачаҳо дар расмҳояшон ҳаракат менамоянд, ки образҳои қаҳрамонони афсона, ҳикоя, масал, достонро ифода намоянд. Ин корҳо бевосита бо ороиши китоб вобаста амалӣ хоҳанд шуд. Баъзе аз онҳо бо услуби рассомии миниатюра иҷро шуданашон мумкин.

Иллюстратсия ва ороишҳое, ки рассомон дар китобҳо дохил мекунанд, барои аниқ ва зудтар дарк кардани мазмуни китоб ёрӣ медиҳанд. Дар замонҳои қадим низ ба ороиши китоб эътибор медоданд. Аз миниатюрачиён хусусан Камолиддин Беҳзод, Султон Муҳаммад, Қосим Алӣ, Маҳмуд Музаҳҳиб, Муҳаммад Мурод Самарқандӣ дар ин бобат шӯҳрати калон пайдо карданд.

Дар нимаи дуюми асри XX дар Ӯзбекистон дар бобати ороиши бадеии китобҳо И. Икромов, В. Кедрин, М. Рейх, А. Ошейко, Қ. Башаров, И. Кириакди, Т.Муҳаммедов ва дигар рассомон дар санъат анъанаҳои миллиро давом дода, ба комёбиҳои калон ноил шудаанд.

Яке аз асарҳое, ки дар соҳаи графикаи санъат бомуваффақият баромадааст, асари Қутлуғ Башаров аст, ки «Бозиҳои миллии ӯзбек» ном дорад. Расмҳои ба куллиё-



Фирӯза Башарова. Иллюстратсия барои афсонаҳои халқии ӯзбек

ти чорҷилдаи Алишери Навоӣ бо номи «Лирика» кашидаи Искандар Икромов корҳое ба ҳисоб меравaнд, ки замони гул-гулшукуфии эҷодиёти рассом офарида шудаанд.

Иллюстратсия ба мазмуни китоб вобаста аст, расмест, ки барои фаҳмо шудани китоб хизмат менамояд.




Дарсҳои кашидани расмҳои иллюстративӣ дар алоқамандӣ бо дарсҳои адабиёт ба амал бароварда мешавад. Пеш аз оғози иллюстратсия рассом асарро нағзакак меомӯзад, оид ба воқеаҳои асар бо назардошти давр мавод ҷамъ мекунад, маданият ва тарзи зисти одамони он замонро, табиати мамлакатро бояд донад.





Образи бачаи шӯх (шум) дар асари «Шумбача»-и Ғафур Ғулом ҳамчун қаҳрамони асари бадеӣ гирифта, ба ӯ иллюстратсияҳо офарида шуд. Чуноне ки аз расмҳо мебинед, иллюстратсияҳо бевосита аз мазмуни китоб оварда шудаанд. Воқеа ва ҳодисаҳои аҷиби асар интихоб шуда, ба мазмун муносиб эскиз кашида шудааст. Дар ин расмҳо Шумбача ҳангоми гирифта бурдани рӯған аз хум ва тухми мурғҳои ҳавлӣ ва аз ин кор модараш хабар ёфта, сарзаниш кардани ӯ тасвир ёфтаанд. Дар ҳолатҳои дигар аз кирдори худ тарсидани Шумбача, ба хонаи бегонаҳо даромада, даруни танӯр пинҳон шудан ва шӯхии худ дӯстдории ӯ, ҳолатҳои насиҳаткунии домулло ва Шумбача эскиз таҳия гардидаанст.



Дар намуди зоҳирии образи қаҳрамони асар, рафтори ӯ қашшоқ, меҳмондӯст ва соддагии вайро дидан мумкин.

Пас аз он ба тариқи ёрӣ ба достонҳои «Алпомиш», «Гӯрӯғлӣ», «Авазхон», «Ҷалодиддин Мангубердӣ» асос намуда, иллюстратсияҳои алоҳидаро бар асоси композитсияҳои гуногуншакл додан мумкин.

Дар таҳияи композитсияи иллюстратсияи дар асар додашуда аз расмҳои гуногуни иллюстратсия истифода шуда, бо қалам эскиз тайёр мешавад. Эскизи бо қалам иҷрошударо якояк аз назар гузаронида, хатоҳояш ислоҳ мегардад.



**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Дар асари бадеӣ қаҳрамон чӣ гуна тасвир мешавад?
2. Мазмуни асари бадеӣ чӣ гуна инъикос мешавад?
3. Дар асари «Шумбача» чиҳо инъикос ёфтаанд?
4. Оид ба образҳои асар чӣ гуна фикр доред?



**Супориши хонагӣ.** Композитсияи дар дарс бо қалам кашидаро ранг карда овардан.

## *Дарси 30-юм.* ТАҲИЯИ РЕЛЕФИ ПОРТРЕТ АЗ ПЛАСТИЛИН Ё ЛОЙ

Дар соҳаи ҳайкалтарошии санъати тасвирӣ дар жанри портрет асар офаридан равияи муҳими он аст. Ашёи хом барои ҳайкалтарошӣ лой ва пластилин аст.

Дар таҳияи ҳайкали портрет бо усули релеф пеш аз ҳама барои кашидани портрети дӯстатон ё падаратонро дар кайфияти характернок ба сурати асл нигоҳ карда, нусхаи портрет дар коғази картон кашида мешавад. Зимни он ба ҳолати характернок ва монанди портрет алоҳида ба эътибор гирифта мешавад. Дар асоси эскизи сиёҳнависи бо қалам иҷрошуда барои сохтани релефи

портрет аз лой ё пластилин пардозед. Мувофиқи ченаки он порчаҳои лой ё пластилинро тайёр кунед.

Ҳангоми марҳила ба марҳила таҳия намудани релефи портрет ба нигоҳ доштани нисбатҳо–пропорсияҳои байни қисмҳои рӯй эътибор диҳед, ба он муносиб қисмҳои лойро тайёр кунед.

Аввал ба қисми портрети дорои кайфияти характернок пластилинро интихоб карда шакли аввалин ҳосил намудан лозим. Зимни он қисмҳои сар: қисмҳои бинӣ, чашм, гӯш ва мӯй қайд карда, ҷояшон гузошта мешаванд. Ҷойҳои пайвастшуда, нағзакак сайқал дода, ба сар кор-



Марҳилаҳои таҳияи портрет бо усули релеф




Яков Шапиро. Паннои мустақилӣ. Релеф

карди умумӣ дода мешавад. Портрет ба ҳаҷми релеф муносиб аз нав тафтиш карда, камбудиҳояш бартараф сохта мешавад.

Аз корди ҳайкалтарошӣ – стек (чӯб) истифода бурда, деталҳои (қисмҳои) хурди онро тайёр кардан мумкин. Дар ҷараёни кор ба қоидаи муҳими ҳайкалтарошӣ – дуруст тасвиркунии образи портрети релефнок ҳаракат намоед.

Баъд рӯяи портрети релефноки тайёр бо латтаи нам ё бо ангушт ҳамвор карда мешавад. Агар аз лой таҳия шуда бошад, дар соя нағз хушк кардан даркор. Ҳангоми таҳияи ҷиҳатҳои портрети релефии кайфияти характернок аз расмҳои намунавӣ, аз ҳайкалҳои эҷодкордаи ҳайкалтарошон пурсамар истифода бурдан мумкин.

## Усулҳои истифодаи лой ё пластилин

**Лой –** ҷинсҳои тахшиншудаи кӯҳ бо об омехта, массаи мулоими ёзанда ҳосил мегардад ва ба шакли гуногун мегузарад ва баъди хушкшавӣ шаклашро нигоҳ медорад. Барои сохтани ашё бештар лойи хокистарранг истифода мешавад. Лой чунин тайёр мешавад: кулӯхи хушк ба қисмҳо шикаста, ба зарфи пластмассагин қабат намуда, ҷойгир карда мешавад, ба ҳар як қабат об рехта истодан лозим. Пас аз як рӯз оби зиёдатӣ гирифта, лойи боқимонда мисли хамир омехта мешавад, агар лой ба даст начаспад, пас маълум, ки он барои истифода тайёр аст. Лойи тайёрро бо латта печонда, дар ҷойи салқин гузоштан лозим.

Аз лой модели сохташудаи дар ҳавои кушод хушкшударо бо ранги дилхоҳи гуаш ранг кардан мумкин. Чандирии лой, имконияти ранг додани он барои бачаҳо хеле мароқангез аст. Аммо ашёи аз лой тайёршуда мӯрт ва нозук, зуд шикананда мешавад. Аз ин рӯ он ба материали хеле мустаҳкам гузаронида ё дар ҳарорати 9000 дараҷа дар печи махсус сӯзонида мешавад.

**Пластилин** моддаи пластикии сунъие, ки аз омехтаи лой, мум, рӯған ва дигар иловаҳо тайёр мешавад. Он дер вақт хушк намешавад, чандир ва мулоим аст, барои тайёр намудани ашёи якранга ҳамеша материали тайёр. Шакли чизҳои сохташуда вайрон намешавад, намекафад. Аммо дар гармии муайян мулоим шуда, моеъ мегардад, дар хунукӣ сахт мешавад.

**Кулӯлабандӣ** усули оддии коркард ба қисми материали пластикӣ, ки барои ҳосил кардани шакли ҳамвори курашакл рӯядор истифода мешавад. Қисми материали пластикиро ба кафи даст гирифта, бо дастон сабук давр занонда сайқал медиҳед.

Барои ҳосил кардани ашёи тухммонанд ва сутунҳои силиндрӣ ***усули пачақ кардан*** истифода мешавад. Ба миёнаи кафи даст қисми ҷойгиршударо бо ҳаракати ростхатти даст ёзонда шакли силиндр ҳосил карда мешавад.

**Пачақ кардан** усули зер карда ҳамвор намудани қисми ашё, ба шакли ҳамвор овардани материал. Ба воситаи каф ё ангуштҳо маҷак кардани пуфакча ашёро ба шакли диск ё мисли нон меоварад. Бо ёрии чуқурчаҳои хурд ва ҷойҳои пачақ кардан ё бо стек иҷро мешавад.

Ба часпонидани порчаҳо ***усули пахшкунӣ*** ёрӣ медиҳад.  Бо ин усул, яъне ба воситаи бо ангуштҳо якҷоя карда, сахт пахш намудани қисми нави таҳияшаванда шакл пайдо мешавад.

Як пораи материали пластикиро дошта истода, сабуктар пахш карда кашида шавад, шакли ёзидаи (кашидаи) ашё ҳосил шуданаш мумкин. Ин усул усули ***дароз кардан, ёзондан*** ном гирифтааст.

Ҳангоми тасвиркунии рӯяҳои ҳамвор усули бо нӯгҳои ангушт, стек ё латта иҷро кардани ҳамворкунӣ (сайқалдиҳӣ) талаб карда мешавад. Шонаи ба ҳамвор перпендикуля гузошташуда, ҳаракати баробари дарозии ангуштҳо ва стек (чӯб) ноҳамвориро тоза менамояд. Ин ҳолат агар ашё аз лой сохта шуда истода бошад, бо латтаи тар ҳам иҷро мешавад. Аз усули ҳамворкунӣ ҳангоми аз як ҳаморӣ ба дигар ҳамворӣ гузаштан равон ва ҳамвор гузаштан, дар ҷойҳои доира истифода бурдан мумкин.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Дар ҳайкалтарошӣ пеш аз таҳияи портрет кадом кор ба иҷро расонида мешавад?
2. Стек чист?

3. Асарҳои ҳайкалтарошӣ аз кадом ҷисмҳо тайёр мешавад?
4. Зимни тайёр кардани қисмҳои сар ба чиҳо бояд эътибор дод?
5. Кадом усулҳои эҷоди ҳайкалро медонед?

**Супориши хонагӣ.** Таҳия карда омадани релефи портрет дар образи бача.

## *Дарси 31-ум.* ОФАРИДАНИ ҲАЙКАЛИ ОДАМ ДАР ҲОЛАТИ ГУНОГУН

Намунаҳои қадими санъати ҳайкалтарошӣ таърих ва тарзи зиндагии халқҳоро дар худ ифода мекунад.

Ҳайкалтарошони асрҳои V–IV пеш аз милод кор бо чӯб, санг, мармарро мукаммал аз бар карда буданд, зиёда аз ин, технологияи гудохтани (моеъ кардани) биринҷиро ҳам медонистанд. Ҳайкалҳо он қадар аҷоиб офарида шудаанд, ки гӯё зиндаанд, ҳатто гӯё нафас мегиранд. Дар асри V пеш аз милод аллакай ҳайкалтарошон тасвир кардани ҳолатҳои ҳаракат карда истодани ҷуссаи одамро омӯхтанд. Онҳо одамонро ҳангоми давида истода, найза партофта ё ҳолати ҷанг карда истода тасвир карда нишон додаанд. Асари «Дискпарто»-и ҳайкалтароши машҳури Юнон Мирон аз ҳар ҷиҳат моҳирона офарида шудааст, ки онро инсони тамошо карда ба ҳайрат меояд. Бино ба таърихи Юнон, Афродита рамзи зебоӣ ва муҳаббат аст. Инро дар ҳайкалҳои бахшида ба Афродита мебинем. Онҳо бо нафосат ва зебоии худ диққати ҳар бинандаро ҷалб мекунанд. Хусусан ҳайкали «Афродитаи Милос» сазовори таваҷҷӯҳи алоҳида аст. Яке аз халқҳои қадим ҳиндҳо ба дину эътиқодашон Буддо ҳазорон ҳайкалҳо офарида шудаанд.

Микеланҷело Буонарроти дар жанрҳои ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, рассомӣ эҷод карда, аз нигоҳи бадеӣ асарҳои зебо офаридааст. Санъаткори бузурги замони Эҳё (Ренессанс) 6-уми марти соли 1475 дар шаҳраки Капрезеи наздики Флоренсия ба дунё омадааст. Ҷавонии ӯ дар Флоренсия гузашт. Дар 13-солагиаш ӯ ба устохонаи Доменико Гирландаёи флоренсиягӣ ба шогирдӣ медарояд. Асарҳои аввалини офаридаи Микеланҷело «Маддонаи назди зина» (с.1492, Флоренсия, музейи Буонарроти), «Ҷанги кентаврҳо» (с.1494, Флоренсия, музейи Буонарроти), ҳайкали «Пийете» (азо доштан ба Исо) аст. Ҳайкалҳои солҳои 1498–1501 ба ӯ шӯҳрати ҳақиқӣ оварданд.

Ҳайкали мӯҳташами «Давид»-и аз тарафи Микеланҷело соли 1504 офаридашуда ва дар майдони асосии Флоренсия гузошташуда «асаре, ки шӯҳрати ҳайкалҳои замонавии антики юнон ва рим ба шумор меравад», ҳайкалтарош



Ҷалолиддин Мирточиев.
«Алишер Навоӣ. Ш. Токио



Ҷалолиддин Мирточиев.
«Нависанда Ойбек». Ш. Тошканд




Илҳом Ҷабборов. Ҳайкали Амир Темур. Шаҳрисабз

мӯъҷизаи зеботарини табиат қомати одам буданашро, зебоии такрорнопазир, қудрати онро ифода карда тавонистааст.

Дар солҳои Мустақилӣ дар жанри мӯҳташами санъати ҳайкалтарошӣ ҳамчун асарҳои аввалини таърихӣ ёдгориҳои ба образи шоири бузург Алишери Навоӣ бахшидашуда дар шоҳкӯчаи марказии шаҳри Чирчиқ ва дар Боғи миллии пойтахт (Э. Алиев, М. Банделадзе, В. Дегтяров, с. 1991) ба шумор мераванд. Соли 2001 дар маркази шаҳри Навоӣ ба муносибати 560-солагии шоири бузург аз тарафи А. Раҳматуллоев ва П. Подосинников ҳайкали Алишери Навоӣ, дар маркази хиёбони серодами шаҳри Тошканд бахшида ба Амир Темур (И. Ҷабборов, К. Ҷабборов. с.1993), дар шаҳрҳои Фарғона ва Қува ҳайкали мӯҳташам ба Аҳмад ал-Фарғонӣ (И. Ҷабборов, К. Ҷабборов, соли 1998), дар Хоразм ёдгории Ҷалолиддин Мангубердӣ

(И. Ҷабборов), дар шаҳри Андиҷон (Ҷ. Миртоҷиев, с.1993), дар шаҳри Намангон (М. Раҳмонбердиев, с.1998) ба Заҳириддин Муҳаммад Бобур, дар Тошканд ҳайкали «Абдулло Қодирӣ» (Ҷ. Миртоҷиев, с.1994), дар шаҳри Андиҷон ҳайкали қомат росткардаи «Чӯлпон» (Ҷ. Миртоҷиев, с. 1997), дар шаҳри Тирмиз ҳайкали қаҳрамони эпикӣ Алпомишро (А. Раҳматуллоев, К. Норхӯрозов, У. Мардиев, П. Подосинников) қайд кардан ҷоиз аст.

Илҳом Ҷабборов соли 1945 дар деҳаи Олмоси ноҳияи Чуст таваллуд ёфтааст, аъзои ҳақиқии Академияи бадеии Ӯзбекистон аст. Анъанаҳои ҳайкалтарошӣ аз тарафи И. Ҷабборов ва Х. Ҳусниддинхӯҷаев, Я. Шапиро, Э. Алиев, Ҷ. Қуттимуродов, А. Раҳматуллоев, М. Облоқулов, Д. Рӯзибоев, Т. Тоҷихӯҷаев, А. Ҳотамов, Ғ. Нормуродов, У. Уроқов, Т. Эсонов, М. Раҳмонбердиев бомуваффақият давом дода мешаванд. Ҷиҳатҳои нозуки санъат ба воситаи пластика дар асоси қоидаҳои композитсионии ҳайкалтарошӣ нишон дода мешаванд.



Илҳом Ҷабборов ва Камолиддин Ҷабборов.
Нимтанаи (бюсти) «Низомии Ганҷавӣ». Ш. Тошканд

Ҳайкали ҳаштметрин аз биринҷӣ сохташудаи Амир Темур бо шаҳоматаш ба майдон хеле муносиб баромадааст. Ин ҳайкалро ҳайкалтарош И.Ҷабборов дар ҳамкорӣ бо меъмор В.Акопян офаридааст. Ҷилави аспро маҳкам нигоҳ доштан истодани Амир Темур маънои рамзӣ дорад. Ин ҷилави як асп набуда, балки ҷилави як кишвар аст. Гӯё ӯ мегӯяд: ба мамлакат сулҳуосоиш, кишвар пеш рафта, равнақ ёбад...

### Сохтани ҳайкали инсон

Барои пурра офаридани ҷуссаи одам агар ҳайкал аз 20 см баланд бошад, ченакҳои ҷойгиршавиаш дар ҷои холӣ, нисбатҳо аз сим ба ҷусса гирифта шуда, каркаси схематикии он тайёр карда мешавад. Аввал аз оҳан барои доштан мисли ҳарфи «G» каркас (оҳанбаст) тайёр карда мешавад. Тарафи пасти каркаси оҳанин дар шакли доира ё секунҷа буда, онро ба тахтачаи пеш тайёршуда маҳкам мекунанд.

Ҳангоми тайёр кардани оҳанбасти (каркаси) ҷуссаи одам аз китф то устухони тос ба шакли секунҷа оварда мешавад. Аз ин секунҷа ба боло сими рост бароварда, ба қисми сари гавда оғозшаванда маҳкам мекунанд.



Сохтани ҳайкали қомати зан. Расм

Қисми пойи такягоҳии каркас ба тахтача мустаҳкам карда мешавад.

Барои ба каркас часпонидани лой ва мустаҳкам кардан аз болғачаи чӯбин, дар баъзе ҳолатҳо аз рейкаҳои чоркунҷа истифода бурдан ба маврид аст.

Ҳангоми машғулиятҳои ҳайкалтарошӣ барои сохтани ҳайкал аз пластилин, лой ва гилбутта ва стеки аз чӯби сахт ё сим тайёршуда кор мефармоянд. Аз онҳо барои гирифта партофтани лойи зиёдатӣ ва сайқали деталҳои хурду нозук истифода мебаранд. Барои он, ки ба стекҳо лой ё пластилин часпида намонад, он сойида, сайқал дода, баъд бо алиф ё лок нағзакак молида мешавад.

Дар ҷараёни машғулиятҳо бештар на бо стекҳо (таяқчаҳо), балки бо ангуштони даст кор кардан лозим, чунки даст барои ҳис кардани ҳаҷм, ҳаракат, дар ташаккул додани малакаи тасвир карда тавонистан вазифаи асосиро иҷро менамояд.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Муаллифи ҳайкали адиби ӯзбек Ойбек кист?
2. Ҳайкали Амир Темур дар куҷо гузошта шудааст?
3. Барои сохтани ҳайкал каркасро (оҳанбаст) чӣ хел месозанд?

**Супориши хонагӣ.** Сохтани ягон ҳолати ифодакунандаи ҷуссаи одам дар пластилин.

## *Дарси 32-юм.* ТАҲИЯИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «РОБОТИ САНОАТ»

Донишомӯзони азиз, ҳоло техника ва технологияи замонавӣ пуршиддат пеш рафта истодааст. Дар гузаштаи наздик барои аҳли дунё ин ҳолатҳои зер «мӯъҷизаи бузург» менамуд: фотоаппаратҳои болояшон мато

пӯшида, телефонҳои шаклҳои гуногуни тоб дода кор мефармудагӣ, трамвайҳои бо ёрии асп ҳаракат мекардаги, чароғи пилтанок, телевизори сафедру сиёҳ... ин ҳама ҳоло мисли афсона менамоянд. Зеро, ҷавонони имрӯзаро бо ҳар гуна ихтироъҳо ба ҳайрат андохта наметавонед. Киштиҳои кайҳонии солҳо дар коинот парвозкунанда, метро, киштиҳои бузурги обию зери обӣ, автомобилҳои гуногунмаркаи сабуку боркашон, самолётҳои аз садо ҳам зуд парвозкунанда, поездҳои зудгард, компютерҳо ва дигар чизҳои гуногуни мӯъҷизанок ҳоло маҳсули ақлу заковати инсон аст. Баробари пешравии илм, техника, комёбиҳо дар ин соҳа одамон онҳоро барои сабук кардани ташвишҳои вазнини рӯзгор татбиқ карда меоянд. Акнун ин гуна корҳоро роботҳои саноатӣ иҷро менамоянд.






Маълум аст, ки роботҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: роботҳои саноатӣ – дар соҳаи мошинсозӣ, энергетика, металлургия ва дигар корхонаҳои саноатӣ кор фармуда мешаванд. Роботҳои хизмати маишӣ ва роботҳои хона – дар соҳаи савдо (фурӯхтан), дар хоҷагии хона, дар саноати хизмати халқ кор фармуда мешаванд. Роботҳои ахборот барои кор бурдан дар кайҳон, дар замин ва уқёнус ба инсон кӯмак медиҳад.

Ихтирои аввалини роботҳои замонавӣ ба Катсухико Нода, Фудзио Исахара, Джон Янг, Е. Накано, Ф. Кауфе, Р. Эйрис, С. Миллер, П.Н. Белянин, Е.И. Юревич, Б.Е. Патон мансуб аст. Роботи саноатӣ. Он чист? Роботи саноатӣ мошин-автомате, ки мустақил (автоном) кор мекунад, ҳаракатҳои инсонро дар саноат иҷро менамояд. Дар ин ҷараён инсон иштирок намекунад, лекин хусусиятҳои ба инсон хосро дорад (яъне, қувва, хотира, ҳис, дидан), робот, инчунин, бо дигар мошин-таҷҳизот кор карданро ёд гирифта ва хусусияти ба муҳити саноат мутобиқ шуданро дорад.

Донишомӯзони азиз! Дар дарси имрӯзаамон расми роботи саноатиро мекашем. Пеш аз ҳама, ба расми робот эътибор диҳед. Вай аз шаклҳои геометрии монанди чоркунҷа, доира, мураббаъ (квадрат), эллипс иборат





Тасвир кардани пайдарҳами роботи саноатӣ

аст. Аввал намудашро рӯйи коғаз дуруст ҷойгир мекунем. Баъд дар асоси намунаи додашуда навбат ба навбат расмро анҷом медиҳем.

**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Калимаи «робот» чӣ маъно дорад?
2. Роботи саноатӣ чист ва он дар куҷоҳо истифода мешавад?
3. Роботи саноатӣ кадом корҳоро иҷро менамояд?
4. Роботи саноатӣ дар тасаввури шумоён чӣ гуна шуданаш мумкин?

**Супориши хонагӣ.** Ба таври мустақил кашида омадани расми роботҳои гуногун.

## *Дарси 33-юм.* КОРИ НАЗОРАТИИ 4-УМ. НАМОИШИ КОРИ ЭҶОДӢ ВА КОРҲОИ ДАВОМИ СОЛ

## *Дарси 34-ум.* ТАҲИЯИ РАСМ ДАР МАВЗӮИ «МОШИНҲОИ БОАҚЛ»

Донишомӯзони азиз, дар баробари пешравии техника ва технологияи замонавӣ ба ҳаёти мо ибораҳои «шаҳрҳои боақл», «мошинҳои боақл» дохил шуда омадаанд. Дар мамлакатамон барномаи «Шаҳри боақл» то соли 2030 кор карда баромада, дар он ба насли ҷавон моҳияти мегаполисҳои оянда фаҳмонда шудааст. Дар ин роҳ ба донишомӯзони «мактабҳои шаҳрҳои боақл» додани маълумот оид ба технологияҳои ТА ва васеъ намудани ҷаҳонбинии онҳо дарсҳо ташкил карда мешаванд.

Вақте «мошинҳои боақл» мегӯем, маҷмӯи интеллектҳои нақлиётӣ, робот ва сунъиро мефаҳмем. Аслан, мошинҳои боақл бо сабабҳои гуногун автоном (худашро идора мекардагӣ) ва нимавтоном; автомобилҳои дар борташон дорои навигатсияҳои пешқадам ва системаи ахбороту маълумот; автомобилҳои барқии тозаи экологӣ ва дорои системаи энергияи муқобил; намояндаи эксклюзив ё ноёби дунёи автомобили махсус офаридашуда шуда метавонанд. Аксар вақт автомобилҳои боақл мошинҳои ба ронанда эҳтиёҷ надошта мебошанд, барои ҳаракат дар роҳҳои истеҳсоли маҳсулот маҷмӯаи сенсорҳо мебошанд, бо рул ва педалҳо муҷаҳҳаз нестанд ва барои даровардани навигарӣ дар ҳаракат ба роҳ ваъда додаанд. Ниҳоят, мошинҳоеро, ки шумо оиди онҳо гап мезанед, мошинҳои боақл номидан мумкин.

Дар айни вақт «Трансформерҳо» ҳастанд, ки ба автомобилҳо, мошинҳои боркаш, самолётҳо, ускунаҳо (микро-

скоп, магнитофон ва ғайра) табдил ёфта, «мошинҳои боақл» мебошанд. Аввал «Трансформерс» мисли серияи бозичаҳо дар ширкати «Hasbro»-и Америка ва «Takara Tormy» пайдо шуданд.






Онҳо хеле машҳур гашта, бо баровардани серияҳои аниматисионӣ ва комиксҳо пардохтанд. Соли 2007 нахустнамоиши филм бо ҳамин ном шуда гузашт ва ин сар шудани «таркиши нави трансформер»-ро нишон дод.





Донишомӯзони мӯҳтарам! Дар ин дарс мо расми «Трансформер»-ро мекашем. Аввал ба расм эътибор диҳед. Онҳо аз шаклҳои гуногуни геометрӣ иборатанд. Пеш аз ҳама намуди трансформерро ба рӯйи коғаз дуруст ҷойгир карда, баъд дар асоси намунаи додашуда марҳила ба марҳила кашидани расмро анҷом медиҳем.



Тасвиркунии пайиҳами расми трансформер



**Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

1. Ҳоло бо инкишофи техника ва технологияҳо кадом калимаҳо пайдо шуда истодаанд?
2. Ибораи «Шаҳри боақл» чӣ маъно дорад?
3. «Мошинҳои боақл» чистанд ва онҳо дар куҷо истифода мешаванд?
4. Трансформерҳо чӣ гуна мошин мебошанд?

**Супориши хонагӣ.** Ба таври мустақил кашида омадани расми роботи намуди «Мошини боақл».

## Адабиётҳои истифодашуда


1. *Abdirasilov S., Tolipov N., Oripova N.* Rangtasvir. – T.: «O‘zbekiston», 2006.
2. *Abdirasilov S., Boymetov B., Tolipov N.* Tasviriy san’at. – T.: «Cho‘lpon» nashriyoti, 2012.
3. *Abdirasilov S.* Tasviriy san’at va uni o‘qitish metodikasi. – T.: «Ilm-Ziyo» nashriyoti, 2011.
4. *Abdirasilov S.* Tasviriy san’at o‘qitish metodikasi. – T.: «Fan va texnologiya» nashriyoti, 2012.
5. *Kuziyev T., Egamov A., Qanoatov T., Nurqobilov A.* Rangtasvir. 5 – 9-sinflar. – T.: «San’at» jurnali nashriyoti, 2004.
6. *Nurtoyev O‘.N.* Rangshunoslik asoslari. – T.: «Ilm-Ziyo» nashriyoti, 2008.
7. *Mamatov U.* O‘zbekiston madaniyatida tarixiy janrdagi tasviriy san’at asarlari. – T. «Mumtoz so‘z», 2018.
8. *Abdullayev N.* San’at tarixi. – T.: «San’at» nashriyoti, 2001.
9. *Kuziyeva Sh.* «Mir sotkanniy iz svetov». – T., Izdatelstvo jurnala «San’at», 2009.
10. *Ebadollah Bahari.* BIHZAD. – London. New York «Taurus» Publishers, 1997.
11. *Noel Gregori.* Jivopis maslom. – M.: Izdatelskiy Dom «Kristina & K°». 2001.
12. *Kuno Mittelstadt.*Vincentvan Gogh. – Berlin, 1973.
13. *Kuziyev T.* O‘zbekiston tasviriy san’at antologiyasi. – T.: «San’at» jurnali nashriyoti, 2009.
14. *Abdullayev A.* Jajda prekrasnogo. – T., KKJI «Pravda Vostoka», 1994.
15. *Kuziyev T.* «O‘zbekiston zamonaviy san’ati». – T.: «Mega», 2004.

## МУНДАРИҶА

### Чоряки I

Дарси 1-ум. Воситаҳои ифоданоки санъати тасвирӣ ............... 3
Дарси 2-юм. Кашидани ҷисмҳои геометрӣ дар қаламтасвир ........................................................................ 15
Дарси 3-юм. Хусусиятҳои рассомӣ (Дар асоси дарки бадеии асар)............................................................. 17
Дарси 4-юм. Марҳилаҳои кашидани натюрморт дар рассомӣ. Кор болои натюрмот ..................................... 24
Дарси 5-ум. Кори рӯйи натюрморти аз чизҳои муқобили якдигар (контраст) аз нигоҳи рангу тобиш.............. 29
Дарсҳои 6-7-ум. Кор бо натюрморти мавзӯъгии аз зарфҳои миллӣ иборат..................................................... 33
Дарси 8-ум. Кори назоратии 1-ум. Натюрморт........................ 39
Дарси 9-ум. Кор болои натюрморт дар фони (таъсири) манзараи табиат ................................................ 39

### Чоряки II

Дарси 10-ум. Манзара дар рассомӣ ва графика ...................... 42
Дарси 11-ум. Тасвир кардани манзараи образноки табиат ................................................................................ 46
Дарси 12-ум. Кор болои кашидани расми манзар бо ранги сафед ва сиёҳ ..................................................... 49
Дарси 13-ум. Кор болои расми манзара дар ҳолатҳои гуногун ........................................................... 54
Дарси 14-ум. Тасвиркунии дарахт ҳангоми сафедашаб ё ғуруби офтоб ................................................ 56
Дарси 15-ум. Кори назоратии 2-юм. Кор болои рӯзномаи деворӣ............................................................. 59
Дарси 16-ум. Жанри анималистӣ дар санъати тасвирӣ ......... 61

## Чоряки III

Дарси 17-ум. Таҳияи композитсия дар мавзӯи «Ман ҳам аскар мешавам» ........ 65
Дарси 18-ум. Офаридани композитсия дар мавзӯи «Бинокорӣ» ........ 68
Дарси 19. Кор болои эскизи тасвири шаҳри шарқона ........ 71
Дарсҳои 20-21-ум. Таҳияи композитсияи нақш ........ 73
Дарсҳои 22-23-юм. Ба ашё додани ороиши нақшин ........ 77
Дарси 24-ум. Кори назоратии 3-юм. Таҳияи рӯзномаи (газетаи) деворӣ барои ҷашн ........ 81
Дарсҳои 25-26-ум. Графикаи ороиши бадеӣ ........ 82

## Чоряки IV

Дарси 27-ум. Жанри портрет дар санъати тасвирӣ ........ 87
Дарси 28-ум. Таҳияи портрет дар мавзӯи «Шахсони таърихӣ» ........ 93
Мавзӯи 29-ум. Таҳияи портрет дар мавзӯи «Қаҳрамони асари бадеӣ» ........ 104
Дарси 30-юм. Таҳияи релефи портрет аз пластилин ё лой ........ 107
Дарси 31-ум. Офаридани ҳайкали одам дар ҳолати гуногун ........ 112
Дарси 32-юм. Таҳияи расм дар мавзӯи «Роботи саноат» ........ 117
Дарси 33-юм. Кори назоратии 4-ум. Намоиши кори эҷодӣ ва корҳои давоми сол ........ 121
Дарси 34-ум. Таҳияи расм дар мавзӯи «Мошинҳои боақл» ........ 121

*O‘quv nashri*

Tursunali KUZIYEV, Sunatulla ABDIRASILOV,
O‘rinboy NURTOYEV, Asqarali SULAYMONOV

**TASVIRIY SAN’AT**

**5-sinf**

*Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining*
*5-sinfi uchun darslik*

(Tojik tilida)

To‘ldirilgan va qayta ishlangan ikkinchi nashri

| | |
|---|---|
| Тарҷумон | Ш. Салимов |
| Муҳаррир | Ҷ. Эшонқулов |
| Муҳаррири бадеӣ | Ҳ. Қутлуков |
| Муҳаррири техникӣ | Л. Хижова |
| Мусаҳҳеҳ | Д. Гайбуллаева |
| Муҳаррири хурд | М. Салимова |
| Саҳифабанди компутерӣ | Ф. Ботирова |

Литсензияи нашриёт AI № 158, 14.08.2009.
Ба чопаш 3-юми сентябри соли 2020 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x90$^{1}/_{16}$.
Чопи офсетӣ. Гарнитураи «Times New Roman Tj».
Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 9,36. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 10,52.
Адади нашр 7255 . Супориши № 20-331.

Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»,
100011, Тошканд, Навоӣ, 30.

Телефон: (371) 244-87-55, 244-87-20
Факс: (371) 244-37-81, 244-38-10.
e-mail: uzbekistan@iptd-uzbekistan.uz
www.iptd-uzbekistan. uz

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерини баҳогузорӣ пур карда мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқоваaш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

*O‘quv nashri*

Tursunali KUZIYEV, Sunatulla ABDIRASILOV,
O‘rinboy NURTOYEV, Asqarali SULAYMONOV

**TASVIRIY SAN’AT**

**5-sinf**

*Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining
5-sinfi uchun darslik*

(Tojik tilida)

To‘ldirilgan va qayta ishlangan ikkinchi nashri

Тарҷумон Ш. Салимов
Муҳаррир Ҷ. Эшонқулов
Муҳаррири бадеӣ Ҳ. Қутлуков
Муҳаррири техникӣ Л. Хижова
Мусаҳҳеҳ Д. Гайбуллаева
Муҳаррири хурд М. Салимова
Саҳифабанди компутерӣ Ф. Ботирова

Литсензияи нашриёт AI № 158, 14.08.2009.
Ба чопаш 3-юми сентябри соли 2020 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$.
Чопи офсетӣ. Гарнитураи «Times New Roman Tj».
Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 9,36. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 10,52.
Адади нашр 922 . Супориши № 20-332.

Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»,
100011, Тошканд, Навоӣ, 30.

Телефон: (371) 244-87-55, 244-87-20
Факс: (371) 244-37-81, 244-38-10.
e-mail: uzbekistan@iptd-uzbekistan.uz
www.iptd-uzbekistan. uz